СЕНСАТСИЯ ВА РУЙДОДҲОИ ТОЗАТАРИНИ ОЛАМ

# ДУНЁ

№ 8 (308)
18. 02. 2010

## ҶАНГИ АФҒОНИСТОН ВА ШУКУФОИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



## М.ГОРБАЧЁВ: АФСӮС МЕХӮРАМ, КИ ЕЛСИНРО НОБУД НАКАРДАМ



## АЗ ВАТАН РОНДА ШУДАНИ ЯК МУХОЛИФИ ЎЗБЕК





## Моника Левински: "КЛИНТОН ДУРӮҒ ГУФТА БУД"



## БАХТИЁР ДОМОДИ МЕДВЕДЕВ ШУДАН МЕХОҲАД



## НАРХИ ЯК АФҒОНИ КУШТАШУДА ЧАНД АСТ?



## БУНЁДГАРОИИ ИСЛОМӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# ИМА БА ЭРОН: ҲАМ ГУФТУШУНИД ВА ҲАМ ТАҲРИМҲОИ НАВ

**Дари гуфтушунидҳои қобили қабул бо Эрон кушода боқӣ мемонад, лекин ИМА ва муттаҳидини он мақсад доранд, ки таҳримҳои навро алайҳи Ҷумҳурии Исломӣ тархрезӣ кунанд, гуфт раисҷумҳур Обама ба хабарнигорон. Ба қавли ӯ, кор дар ин самт «хеле тез» пеш меравад, хабар додааст «ИТАР-ТАСС».**



«Дар давоми чанд ҳафтаи наздик мо режими ҷиддии таҳримҳоро омода месозем ва ин ба эрониҳо нишон медиҳад, ки онҳо то чӣ андоза аз ҷомеаи ҷаҳонии боқимонда изолятсия шудаанд. Сарвари маъмурияти ИМА хотиррасон кард, ки пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳониро дар бобати ғанисозии урани эронӣ барои реактори тадқиқотии Теҳрон ҳукуматдорони ЧИЭ рад кардаанд. Ба қавли Обама, яке аз проблемаҳои асосӣ дар гуфтушунид моҳҳои охир он будааст, ки «на ҳама вақт маълум буд, ки ӯ аз номи ҳукумати ин кишвар гап мезанад» ва «мо сигналҳои гуногуни ба ҳам мухолиф мегирем».

«Бо вуҷуди ин барои ИМА як чиз маълум аст - сарфи назар аз изҳороти характери осоишта доштани барномаи ҳастаии онҳо эрониҳо хати маши истифодаи онро ба мақсадҳои ҳарбӣ идома медиҳанд. Ин на танҳо барои ИМА, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул нест,- гуфт лидери амрикоӣ.- Онҳо роҳи худро интихоб кардаанд, ҳарчанд дарҳои гуфтушунидҳо кушода боқӣ мемонанд».

Хоҷаи Кохи Сафед махсус қайд кард, ки аз мавқеи конструктивии Русия доир ба Эрон қаноатманд аст. «Ба фикрам онҳо (русҳо) хеле возеҳ дарк кардаанд, ки Эрон ба ҳаллу фасли баҳс байни худу ҷомеаи байналмилалӣ муносибати ҷиддӣ намекунад»,- қайд намуд Обама. Ӯ гуфт, ки акнун интизор мешавем, то бубинем, ки бозингари дигари асосӣ-Чин дар Шӯрои амнияти СММ бо ташаббусҳо нисбати ҷорӣ намудани таҳримҳои нав зидди Теҳрон чӣ вокуниш нишон медиҳад.

Маъмурияти ИМА қарори чанде пеши Эронро перомуни мустақилона ғанисозии уран «гоми игвогарона» номидааст. Хотиррасон мекунем, ки мавқеи ИМА-ро дар бобати ҷорӣ кардани таҳримҳои нав зидди Эрон Италия ва Фаронса дастгирӣ карданд. Олмон ҳам ҷонибдори қабули маҷмӯи чаҳоруми таҳримҳо мебошад. Эрон ба ғанисозии уран оғоз кард. Чи хеле ки Теҳрони расмӣ иброз медорад, ин барои кори реактори тадқиқотӣ зарур аст.

Вазири дифои ИМА Роберт Гейтс рӯзи душанбеи ҳафтаи гузашта ҳушдор дод, ки барномаи ҳастаии Эрон метавонад боиси мусобиқаи мусаллаҳшавӣ дар минтақа гардад. «Мо бояд дарк кунем, ки агар Эрон соҳиби силоҳи ҳастаӣ шавад, ин мумкин аст боиси паҳншавии силоҳи ҳастаӣ дар Ховари Наздик шавад. Ин хатари калон аст»,- қайд намуд ӯ.

Ба қавли Гейтс, вазифаи асосии кишварҳое, ки бо Эрон гуфтушунид доранд (ИМА, Чин, Русия, Британиёи Кабир, Фаронса ва Олмон) мӯътақид сохтани ин кишвар бар он ки надоштани силоҳи ҳастаӣ ба манфиати ӯст. Вай изҳори умедворӣ намуд, ки ба ин мақсад ба кӯмаки воситаҳои иқтисодӣ ва дипломатӣ расидан мумкин аст.

Дар навбати худ Теҳрони расмӣ таъкид мекунад, ки ҳавасманди истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ нест ва барномаи ҳастаияш сирф характери осоишта дорад.

# ТОҚАТИ РУСИЯ ТОҚ ШУД

«Der Stamsard»

**Чи хеле ки сардори Созмони энержии ҳастаии Эрон Алӣ Акбар Солеҳӣ хабар дод, Теҳрон чанд рӯз пеш ба ғанисозии уран шурӯъ намуд ва Русия ба талаботҳои Ғарб дар бораи ҷорӣ кардани таҳримҳои нав зидди Эрон ҳамроҳ шуд.**

«Ҳама чиз ҳадду ҳудуд дорад, аз ҷумла сабру тоқат ҳам», - гуфт сардори Шӯрои амнияти Русия Николай Патрушев, ки суханҳои ӯро нашрияи утришии «Der Stamsard» иқтибос овардааст. Патрушев ҳамчунин изҳор намуд, ки Русия ҳавасманди ҳаллу фасли мушкилот аст ва хеле муҳим аст, ки он бидуни ҷанг бошад.

Вазири дифои амрикоӣ Роберт Гейтс гуфтааст, ки таҳримҳои нав «баъди якчанд ҳафта, на баъди якчанд моҳ ҷорӣ бояд шаванд» ва аз ин рӯ ИМА-ро дар Шӯрои амнияти СММ на танҳо Фаронсаву Британиёи Кабир, балки бояд Русия ҳам дастгирӣ намояд.

Дар чунин ҳолат аз байни аъзои Шӯрои амният танҳо Чин боқӣ мемонад, ки таҳримҳои навро алайҳи Эрон ҷонибдорӣ намекунад. Ҳанӯз рӯзи панҷшанбеи ҳафтаи гузашта вазири умури хориҷии он гуфта буд, ки барои гуфтушунидҳо бо Теҳрон ҳоло ҳам вақт ҳаст.

# НАРХИ ЯК АФҒОНИ КУШТАШУДА ЧАНД АСТ?

«Suddeutsche Zeitung»

Тибқи қонун сокинони осоишта, ки қурбонии амалиётҳои ҳарбӣ шудаанд, ба даъво кардан ҳақ доранд. Ин ба афғонҳо ҳам дахл дорад, навиштааст чанд рӯз пеш «Suddeutsche Zeitung». Агар низомии олмонӣ сокини осоиштаро кушад ва ҳатто агар ин барои муҳофизати ҷони худ ҳам бошад, хешовандони мақтул ба ситонидани товон ҳуқуқ доранд. Ин пулҳоро дар Афғонистон «хунбаҳо» меноманд, бо забони ҳуқуқ бошад, он «ҷуброн» ном дорад.

Вақте ки сарбози бундесвер дар Афғонистон занеро бо ду кӯдакаш парронд, нақл мекунад муаллифи мавод Херберт Прантл, оилаи вай аз Олмон 20 ҳазор евро гирифт. Ин барои Афғонистон пули калон аст, барои Олмон бошад пули кам, меафзояд ӯ. Вале ҷуброн бояд ҳамчун подоши хисороти ба амаломада хизмат кунад, на барои он, ки агар чунин ҳодиса дар Олмон рух медод, чӣ гуна мешуд.

Дар Афғонистон андозаи хисоротро қавм муайян мекунад. Ин ҳисоб вижагиҳои хос дорад, масалан, мард аз зан гаронтар аст, бародари калон аз хурдӣ гаронтар, вале ин барои артишҳои ғарбӣ аҳамият надорад. Дар мавриди Қундуз, ки дар натиҷаи як бомбаборон бештар аз 150 кас ва асосан сокинони осоишта ба ҳалокат расидаанд, бояд гуфт, ки қазия дар ҷояш ҳал мешавад. Ҳарчанд, агар хешовандони кушташудагон бо даъво ба додгоҳи олмонӣ муроҷиат мекарданд, барои муваффақият имкониятҳои хуб доштанд, қайд кардааст муфассири нашрия.



# БАНДИИ ГУАНТАНАМАРО БА ЛАТВИЯ ФУРӮХТАНД



Даҳ вакили парлумони Латвия аз фраксияи «Маркази ризоият» чанд рӯз пеш ба вазири умури хориҷии кишвар Марис Риекстинш дар бобати ба мамлакат равон кардани бандии собиқи Гуантанамо, зодаи Ӯзбекистон, саволнома ирсол намуданд. Дар иртибот ба ҳамин вакилон ба се мавзӯъ мароқ зоҳир намуданд: истиқомати меҳмони мӯҳтарам аз ҳисоби кадом маблағҳо тахмин мешавад, вай дар мамлакат ба кадом статуси шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ соҳиб мешавад ва чунин як тасмим ба муносибатҳои Латвия бо Ӯзбекистон чӣ таъсире хоҳад гузошт?

Николай Кабанов, яке аз вакилони саволномаро ирсол намуда мегӯяд: «Тамоми саргузашти Гуантанамо замони натсизм ва сталинизмро ба хотир меорад. Он вақтҳо асирони ҳарбии русро ба конслагерҳои Норвегия мебурданд ва шаҳрвандҳои Ҷумҳурии Демократии Олмонро дар «полигон»-и атрофи Маскав мепарронданд. Алъон дар замони Обама амрикоиҳо ба таърих жарфтар ғӯта задаанд - ба замони ғуломфурӯшӣ. Онҳо «молҳои бозорногир»-и Гуантанамо, яъне асирони худро (албатта, онҳоеро, ки гуноҳҳояшонро наёфтаанд) ба кишварҳои иттифоқии худ мефурӯшанд.

Он қадар махфӣ нест, ки Латвия барои қабули «ӯзбеки номаълум» бепул розӣ нашудааст. Зеро ҳанӯз соли гузашта дар комиссияи Сейм оид ба умури Аврупо намояндагони вазорати умури хориҷаи Латвия перомуни раванди гуфтушунидҳои ИМА бо кишварҳои иттифоқӣ дар бораи нақшаи эҳтимолии трансфери маҳбусони зиндонии ҳарбиашон дар Куба қарор карда буданд. Ҳамон вақт дипломатҳои мо мегуфтанд «Вашингтон дар ин бобат ба Рига муроҷиат накардааст ва барои чунин «тӯҳфа» сад савол ҳам лозим нест».

Лекин ҳайратовар аст, ки консептсия дигар шудааст. На танҳо вазорати умури хориҷӣ, балки ҳадамоти махсуси Латвия низ меҳмоннавозӣ зоҳир кардаанд. Онҳо ҳангоми «мусоҳиба» ба «ӯзбеки номаълум» хулоса баровардаанд, ки вай нисбати Латвия ягон нияти бад надорад.

«Хулласи калом, ин ҷаноб, агар дар ҳақиқат гуноҳе содир накарда бошад, бояд ба ватанаш баргардад. Зеро дар он ҷое, ки таваллуд шудааст, дар ҳамон ҷой ташаккул ёфтааст. Вале башардӯстони амрикоӣ аз он ҳарос доранд, ки маҳбуси собиқро мумкин дар Ӯзбекистон муҷозот намоянд. Онҳо панҷ соли ҳаёти барбодрафтаи ӯро дар зиндони амрикоӣ ҷазо ҳисоб намекунанд»,- овардааст дар хотима суханҳои вакилро портали «Вести Латвии».

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# Обама ИМА-ро кушт

Ҷеффри Кунер,
"Washington Times"

**Таърихшиноси бузург Арнолд Тойнби навиштааст: "Тамаддунҳо ҳамдигарро не, балки худашон худашонро несту нобуд мекунанд". Дар замони раисҷумҳурии Обама Амрико мақоми абарқудратиро аз даст медиҳад. Амрико таназзул карда, тадриҷан ба кишвари навъи дуюм табдил меёбад.**

Харобшавии Амрико ногаҳон, бо ғурриши баланд ба вуҷуд омад - камбуди калони буҷа, иқтисодиёти рӯ ба таназзул, ором кардани исломи бунёдгаро ва сотсиализми инқилобӣ. Сиёсати Обама ҳукмронии ИМА-ро дар арсаи ҷаҳонӣ ба бод медиҳад.

Замоне мо қарздиҳандаи асосии ҷаҳон будем ва ҳоло ба қарздори асосӣ табдил ёфтаем. Чанде пеш Обама буҷаи хазинаи давлатиро барои соли 2001 интишор намуд ва масрафи умумимиллии пешбининамудаи он дар ҳаҷми 3,8 триллион доллар дар тамоми таърихи кишвар калонтарин маҳсуб мешавад ва камбуд ҳам ба дараҷаи рекордӣ мерасад: 1,6 триллион доллар.

Маъмурият лоф мезанад: гӯё пешорӯяшон "интихоби душвор" истодааст. Лекин масрафҳо танҳо барои лоиҳаҳои дӯстдоштаи демократҳо афзоиш меёбанд. Обама мехоҳад 25 миллиард доллар барои барномаи тандурустии "Medicaid", 100 миллиард доллар барои "барномаи ҷойҳои корӣ", маблағҳои калонро барои барномаҳои дастгирии оилаҳои камбизоат, ҳамчунин барои пажӯҳиш дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ сарф намояд. Дар маҷмӯъ масрафҳои умумимиллӣ дар муқоиса бо соли 2008 қариб 30 фоиз зиёд мешаванд.

Обама нақши давлат, камбуди буҷа ва масрафҳоро баланд карда, Амрикоро ба варшикастагӣ тела медиҳад. Тӯли солҳои 2009-2011 Обама ба қарзи давлатӣ боз 3,7 триллион доллари дигар зам мекунад. Дар давоми ин се сол қарзи гирифтаи давлат дар муқоиса бо 225 соли аввали мавҷудияти ИМА бештар хоҳад буд. Ин роҳи мустақим аст ба худкушии молиявӣ.

Обама барномаҳои аз ҳад зиёд саргармкунандаро тарҳрезӣ мекунад ва имконият медиҳад, танҳо ба хотири расидан ба мақсади асосӣ камбуди буҷа ба авҷи аълояш расад. Обама талаб мекунад, ки дар давоми даҳ сол андозҳо ду триллион доллар зиёд карда шаванд. Стратегияи ӯ, ки ба ҷаббидани маблағ аз сарватмандон ва ба мубаризаи синфӣ равона гардидааст, рушди иқтисодиро хафа мекунад, ташаккули сармояро барҳам мезанад ва бозори кориро маъюб месозад. Сатҳи бекорӣ аллакай 10 фоизро ташкил медиҳад ва солҳои наздик боз ҳам бештар шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Ба андешаи Обама, вай лоиҳаи либералиеро, ки ҳанӯз раисҷумҳур Франклин Рузвелт оғоз карда буд, ба интиҳои мантиқиаш мерасонад, вале дар асл аз байни ҳамаи лидерҳое, ки дар садаи 20 ҳукмронӣ кардаанд, Рузвелт ба ИМА бештар аз ҳама зарар овардааст; "хати маши нав"-и ӯ иқтисодиёти мамлакатро барқарор накард, баръакс, "депрессияи бузург"-ро умри бештар бахшид. Зиёда аз ин, Рузвелт дар сиёсати хориҷӣ ҷонибдори интернатсионализми либералӣ буд. Муносибати бисёрҷониба дар дипломатия ба манофеи миллии Амрико зиён овард. Қисми бештари солҳои сиюм вай масрафҳои ҳарбиро ихтисор кард ва аз аввалин хоҳишмандони ором кардани Олмони фашистӣ буд. Вақте ки яҳудиҳо гирифтори холокост шуданд, қасдан бефаъолиятӣ нишон медод, аз ҷумла роҳҳои оҳанеро, ки аз тариқи онҳо яҳудиҳоро ба лагерҳои марг мебурданд, бомбаборон накард. Дар Ялта вай Аврупои Шарқиро фурӯхт, ки дар натиҷа он зери нуфузи ишғолгарони шӯравӣ монд.

> **Обама иродаи онро надорад, ки терроризми исломиро торумор кунад. Масалан, ба террорист Умар Абдулмуталиб имконият дод, ки ба гуноҳҳояш иқрор нашавад...**



> **Обама мехоҳад, ки гомосексуалистҳои ҳукумат ва нерӯҳои мусаллаҳи мо тамоюли шаҳвонии худро пинҳон надоранд. Фармоне магар метавонад аз ин бад бошад?...**

Сиёсати Рузвелт яке аз сабабҳои аланга гирифтани ҷанги ҷаҳонии дуюм гардид, ки дар натиҷаи он 50 миллион одам ҳалок гардид ва халқҳои насронии Аврупои Шарқӣ зери асорати коммунистӣ монданд. Рузвелт ҳомии бузурги озодӣ набуд. Тамоман баръакс: вай глобалист ва прогрессивист буд, сармоядориро дар кишвари худ нобуд кард ва ба душманҳои худкомаи хориҷии Амрико ҷасорат бахшид.

Обама ҳоло бисёр иштибоҳҳои фалокатбори содирнамудаи Рузвелтро такрор мекунад. Ба андозаи дандоншикан боло бурдани андозҳо ва масрафҳои калони дар буҷа пешбинишуда ба беҳбудии дарозмуддати Амрико таҳдид мекунад. Вай бахши ҷамъиятиро мисли пуфак дам дода ва барои барномаҳои иҷтимоӣ маблағҳои калон сарф карда, бахши хусусиро заиф мегардонад ва дар ҳолати мутеият ба давлати бюрокративу корпоративӣ қарор медиҳад.

Обама иродаи онро надорад, ки терроризми исломиро торумор кунад. Масалан, вай ба террорист Умар Фаруқ Абдулмуталиб имконият дод, ки ба гуноҳҳояш иқрор нашавад ва ҳамчунин ба Холид Шайхмуҳаммадро, ки аз иштирокдорони амалҳои террористии 11-уми сентябр мебошад, ба додгоҳи мулкӣ накашид. Обама муллоҳои эрониро ором карда, ба онҳо имконият медиҳад, ки соҳиби бомбаи ҳастаӣ шаванд, ки ин метавонад боиси ҷанг дар Ховари Наздик шавад. Обама аз бунёди пойгоҳҳои зиддимушакӣ даст кашида, ба Аврупои Шарқӣ хиёнат кард ва ин минтақаро ба доираи нуфузи Русия дод.

> **Сад сол пеш Амрико дар муқоиса бо империяи Британиё ҳамон тавре буд, ки имрӯз Чин дар муқоиса бо мо мебошад...**

Обама иқтидори ҳарбии Амрикоро заиф мекунад. Вай арсенали ҳастаии моро коҳиш дод. Кӯшиши ӯ барои бунёди давлати миллӣ ба ҷои афғонҳо ин Ветнами нав аст. Фармони "ба пеш" ба низомиҳо бидуни стратегияи саҳеҳи ғалаба ИМА-ро гирифтори ҷанги беохир бо партизанҳо мекунад, ки боиси талафи беҳудаи захираи гаронбаҳо - хуни шаҳрвандону маблағ мешавад. Обама мехоҳад, ки гомосексуалистҳои ҳукумат ва нерӯҳои мусаллаҳи мо тамоюли шаҳвонии худро пинҳон надоранд, ки ин рӯҳияи ҷангиро нобуд мекунад ва интизомро суст менамояд. Ин бадтарин коре буд, ки вай фикр карда баровардааст, ҳамзамон бо идома додани ду ҷанг.

Табаиат холигиро тоқат надорад. Ғуруби Ғарбро рушди динамикии кишварҳои сармоядори Шарқ соя меафканад. Сарват ба Осиё ҷорӣ мешавад ва аз паси он қувва ҳам ба ҳамон тараф ҷорӣ хоҳад шуд. Рақиби асосии ИМА - Чин артиши худро бо суръати бесобиқа мустаҳкам менамояд. Пекин нерӯи худро намоиш медиҳад ва баробари ин қисми калони қарзи миллии моро харидорӣ мекунад. Сад сол пеш Амрико дар муқоиса бо империяи Британиё ҳамон тавре буд, ки имрӯз Чин дар муқоиса бо мо мебошад: лидери азими минтақавӣ, ки қотеона барои ҳукмронии ҷаҳон ҳаракат мекунад.

Сиёсати Обама боиси он гардид, ки ИМА салтанату нуфузи эътиборро аз даст дод. Вай моро аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ заиф кард. Обамаро раисҷумҳур интихоб намуда, Амрико кӯшише кард барои худкушӣ.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# ҶАНГИ АФҒОНИСТОН ВА ШУКУФОИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Вадим Маркушин**



Дар пойгоҳи ҳавоии "Манас"-и назди пойтахти Қирғизистон шаҳри Бишкек толори транзитии холие ҳаст барои низомиҳои амрикоие, ки ба Афғонистон меравнду меоянд ва дар девори он овезае ҳаст, ки чунин навиштаҷот дорад: "Амалиёти "Озодии шикастнопазир": мо пешравии шуморо таъмин мекунем". Эълони ба Афғонистон равон кардани 30 ҳазор сарбозу афсари иловагии амрикоӣ аллакай боиси ба имзо расидани қарордодҳо ва сохтмони иншоотҳои нав дар ҳудуди Маркази транзитии "Манас" шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки афзоиши нерӯҳои амрикоӣ дар Афғонистон ба кони ҳақиқии тилло барои як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ табдил меёбад. Чи хеле ки аввалҳои моҳи декабр раисҷумҳури ИМА Барак Обама эълон дошт, дар Афғонистон боз гурӯҳи ҳарбии иборат аз сӣ ҳазор нафар ҷойгир карда мешавад.

Дар раванди татбиқи ин нақшаҳо низомиҳои амрикоӣ ба шабакаи шимолии ҳамлу нақл, ки аз роҳҳои автомобилгард, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ иборат буда, аз ҳудудҳои Осиё Марказӣ мегузаранд, сахт такя мекунанд. Ба қавли фармондеҳии нақлиётии ИМА айни замон тавассути шабакаи шимолӣ то 35 фоизи ҳамаи борҳое, ки барои нерӯҳои Амрикою НАТО пешбинӣ шудаанд, ба Афғонистон кашонида мешаванд. Ин то андозае кори хатсайри асосиро, ки аз Покистон мегузарад, сабук месозад.

Ба ақидаи баъзе аз шореҳон бошад, арзиши асосии Шабакаи шимолӣ на аз шумораи контейнерҳое иборат аст, ки аз тариқи он интиқол дода мешаванд, балки тавассути қарордодҳои муфид ҷалб кардани давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳаллу фасли вазифаи стратегии ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар Афғонистон аз ҳадафҳои асосист.

*Таъмини эҳтиёҷоти нерӯҳои амрикоӣ дар Афғонистон баъди афзоиши шумори онҳо ба сарчашмаи оличанобии даромад барои як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ табдил меёбад.*

"Шабакаи шимолии ҳамлу нақл ин конструксияи сиёсӣ аст. Қимати боркашонӣ аз тариқи ин шабака дар муқоиса бо ҳамлу нақл аз тариқи Покистон ҳадди ақал ду маротиба гаронтар аст, ҳатто бо назардошти талафотҳои дар ин роҳ вуҷуддошта (бо сабаби ҳамлаҳои толибҳо ба корвонҳои мошинҳои боркаш,- изҳори андеша кард як манбаъ, ки бо масоили таъминоти низомиҳо аз наздик шинос аст.- Дар ҳолати пеш омадани зарурат тамоми эҳтиёҷи ҳарбиро бо истифода аз хатсайри покистонӣ таъмин намудан мумкин аст. Ҳамин тариқ шабакаи шимолӣ ба хотири ҳаллу фасли масоили сиёсӣ рӯи кор омадааст".

Тибқи тағйиротҳои охирин ба фасли 1223-и Санад дар бораи ҷудо кардани маблағҳо ба эҳтиёҷи дифои миллӣ дар соли молиявии 2010 ИМА омода аст, ки ба Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва мумкин ҳатто ба Туркманистон кӯмакҳои зиёди пулӣ расонад, то онҳо тавонанд қувваҳои мусаллаҳи худро афзоиш диҳанд.

Чи хеле ки аз матни тағйиротҳои воридшуда маълум мегардад, "давлатҳои муайяни эътилофӣ", ки "дастгирии ҳарбӣ- ақибгоҳӣ"-ро таъмин менамоянд, ба гирифтани "ҷуброн" ҳуқуқ пайдо мекунанд. Пентагон дар ҳаҷми 1,6 миллиард доллар фонди эҳтиётӣ дорад, ки метавонад бо ин мақсад масраф намояд. Кӯмак дар доираи фасли 1223 метавонад дар шакли "таълими махсуси гурӯҳҳои ҳарбӣ"-и кишварҳои Осиёи Марказӣ, "равон кардани колоҳои зарурӣ ба давлатҳои дахлдор барои амалӣ кардани чунин мақсад" пешбинӣ шавад. Яъне Пентагон метавонад давлатҳои Осиёи Марказиро бо техникаҳои махсус таъмин намояд ва бозпас додани онҳоро талаб накунад.. Намояндагони департаменти мудофиа аз шарҳи тағйиротҳо ба фасли 1223 худдорӣ карданд.

Стратегияҳои ҳарбии амрикоӣ ҳамаи корҳои имконпазирро ба ҷо меоранд, то таъминоти моддӣ- техникии амалиёти афзоиш додани нерӯҳо дар сатҳи амалӣ иҷро гардад. Масалан, ҳазорҳо сарбозу афсари амрикоӣ ба Афғонистон аз тариқи Маркази транзитии "Манас"-и воқеъ дар наздикии Бишкеки Қирғизистон интиқол дода мешаванд. Барои иҷрои ин вазифа стратегҳои амрикоиро лозим меояд, ки ба таври оҷилӣ баъзе аз иншоотҳои Маркази транзитиро васеъ намоянд.

*Имконияти боркашонии хатсайри шимолӣ пурра истифода намешавад: борҳоро то ба сарҳади Афғонистон тавассути ду даҳлез- аз тариқи ҳудудҳои Қафқоз ва кишварҳои назди Балтика овардан мумкин аст...*

Дар бораи ба Афғонистон равон кардани низомиҳо аз тариқи маркази транзитӣ сухан ронда, роҳбари шӯъбаи иртибот бо аҳли ҷамъияти Маркази "Манас" майор Рикардо Бодден рақамҳои мушаххасро номбар накард. "Ҳайати ҳавонавардон қарори раисҷумҳурро иҷро мекунад,- қайд кард ӯ.- Маркази транзитӣ иҷрои вазифаҳои дар назди ӯ гузошташударо дар бобати интиқоли низомиҳо, бо сӯзишворӣ пур кардани ҳавопаймоҳо, ҳамлу нақли ҳавоии борҳо ва кӯмаки башардӯстона идома медиҳад".

"Як қисми муайяни низомиҳо ва захираҳо ба Афғонистон бо роҳҳои ҳавоӣ интиқол дода мешаванд,- афзуд майор Бодден.- Ҳайъати ҳавонавардҳои мо вазифаҳои дар назди он гузоштаи раисҷумҳурро иҷро мекунад".

Чанде пеш барои сохтмони ошхона дар масоҳати 525 метри мураббаъ барои Маркази транзитии "Манас" тендер эълон гардид. Аз ин бармеояд, ки моҳҳои наздик шумораи низомиҳо дар ин ҷой нисбат ба ҳозира хеле бештар хоҳад шуд. То 20-уми январ барои иштирок дар тендер се ширкати амрикоӣ ва ду ширкати туркӣ омодагии худро изҳор намуданд. Дар байни довталабон ширкатҳои Қирғизистон нестанд.

Ҳукумати Ӯзбекистон ҳам аз иштирок дар ҳамлу нақл тавассути хатсайри шимолӣ даромади хуб мегирад. Чи хеле ки аз изҳороти интишорнамудаи вазорати умури хориҷаи Ӯзбекистон маълум мешавад, моҳи сентябри соли гузашта, ҳамагӣ баъди панҷ моҳи он, ки раисҷумҳур Ислом Каримов ба истифодаи фурудгоҳи "Навоӣ" барои интиқоли колоҳои ғайринизомӣ ба Афғонистон иҷозат дод, даромади фурудгоҳ дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2008 "даҳ маротиба" афзоиш ёфтааст.

Бар хилофи Маркази транзитии "Манас" ИМА барои истифодаи фурудгоҳи "Навоӣ" иҷорапулӣ намедиҳад. Вале ширкати "Korean Air", ки ваколатдори Пентагон дар умури ҳамлу нақл аст, бевосита бо ҳукуматдорони ӯзбек кор мекунад ва аз имтиёзҳои андоз бархурдор мебошад. Айни замон ба тархи муштараки Ӯзбекистону Куриёи Ҷанубӣ зиёда аз 60 миллион доллар ҷудо гардидааст.

Интиқоли борҳо аз тариқи роҳҳои оҳани Қазоқистону Ӯзбекистон ҳам идома дорад. Дар оянда аз ин роҳ бояд ҳар моҳ то 1400 контейнер бор кашонида шавад. Ҳоло хатсайри шимолӣ бо режими эълоншуда фаъолият мекунад, вале имкониятҳои он бештар аз ин аст. Имконияти боркашонии он пурра истифода намешавад. Зеро борҳоро то ба сарҳади Ӯзбекистону Афғонистон тавассути ду даҳлез - аз тариқи ҳудудҳои Қафқоз ва кишварҳои назди Балтика овардан мумкин аст.

Генерал-майор Кеннет С. Досуд, масъули таъминоти моддӣ- техникӣ дар Фармондеҳии Марказӣ дар бораи ҳадафҳои сиёсии роҳандозии шабакаи шимолии ҳамлу нақл ошкоро изҳори андеша мекунад. "Мо бо стратегҳои Фармондеҳии марказӣ ва намояндагони доираҳои ҳарбӣ-сиёсӣ гирдиҳам омадем ва имкониятҳои дигари интиқоли низомиҳо ва борҳоро ба Афғонистон баррасӣ намудем,- нақл кард генерал- майор дар мусоҳибааш ба маҷаллаи "Military Logistics Forum" аз моҳи ноябри соли гузашта.- Мо тасмим гирифтем, ки барои истифода аз ин хатсайр кӯшиш намоем ва ҳамзамон бо ин ба сиёсатмадорон ва низомиҳои хеш дар умури ҳамкориҳо бо ин кишварҳо кӯмак намоем".

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# ДӮСТУМ БОЗ МАНСАБ МЕХОҲАД

Бротан Г. Уилямс,
"Foreign Policy" (ИМА)

**Чанде пеш ҳукумати Карзай эълом дошт, ки генерали ҳангомадори ӯзбек Абдуррашид Дӯстумро дар мансаби сардори ситоди артиши Афғонистон барқарор карданист. Ин хабар бо нидоҳои эътирозӣ истиқбол гардид ва Карзайро ба бозии бешарафона муттаҳам карданд. Ҳарчанд ин мансаб асосан рамзист, мунаққидони ҳукумати Карзай раисҷумҳурро ошкоро ба созиш "бо қумондони беобрӯ" муттаҳам намуданд.**

Вақте ки сухан перомуни сиёсати Афғонистон меравад, бояд дар хотир дошт, ки он ҷой ҳама чиз на он қадар оддӣ аст, чи хеле ки ба назар мерасад ва муносибат бо Дӯстум ҳам истисно нест. Одатан, дар Афғонистон ҳама чиз ба созишҳои пасипардагие алоқаманд аст, ки решаҳояш ба моҳи августи соли 2009 мераванд, ба ҳамон вақте ки раисҷумҳур Карзай ба Дӯстум, роҳбари ҷамъияти ӯзбекҳои Афғонистон, иҷозат дод, то баъди якчанд моҳи бадарға ба Туркия ба кишвар баргардад. Дӯстум барои дуздидани рақиби сиёсиаш Акбар Бой аз мамлакат ронда шуда буд. Акбар Бой аввалҳо ба манфиати Дӯстум кор мекард, лекин соли 2006 ба ӯ хиёнат намуда, ҳизби худро ташкил дод ва ҳаракат кард, ки аъзои ҳизби "Ҷамбеш"-и Дӯстумро ба сӯи худ ҷалб намояд.

Дӯстумро бо он шарте иҷозати бозгашт ба мамлакат дода буданд, ки ӯзбекҳоро барои раъй додан ба ҷонибдории Карзай даъват намояд. Ӯзбекҳо ба Дӯстум аз ҳад зиёд содиқанд, зеро онҳо ӯро ҳомии ҳуқуқҳои миллӣ ва дунявии худ дар назди толибҳо ва ҳукумати марказӣ, ки асосан аз паштуҳову тоҷикҳо иборат аст, медонанд. Дӯстум дар сарнагун кардани режими мустабиди толибҳо соли 2001 ба амрикоиҳо кӯмак кардааст. Аксарияти ӯзбекҳо ӯро қаҳрамони миллии худ медонанд.

Ӯзбекҳо одатан муттаҳидона ба ҳамон касе раъй медиҳанд, ки Дӯстум гуфта бошад ва ӯ баъди бозгашт аз ҳамқавмҳояш даъват кард, ки ба ҷонибдории Карзай раъй диҳанд. Тибқи хабарҳои расида, ӯзбекҳо дар интихоботи раисҷумҳур фаъолона иштирок намуданд ва раъйҳои худро ба тарафдории раисҷумҳури амалкунанда доданд.

Бар ивази ин ҳизби Дӯстум якчанд ӯзбекро интихоб кард, ки Карзай бояд аз байнашон чандеро шомили ҳукумати худ мекард. Аммо баъдтар парлумон ғайриинтизор тасмим гирифт, ки мустақилияти худро нишон диҳад ва 2-юми январи соли 2010 аз 24 номзади пешниҳоднамудаи Карзай, ки дар байнашон ду ӯзбек ҳам буд, 17-тоашонро тасдиқ накард. (Аз байни номзадҳое, ки аз ҷониби парлумон ба мансаби вазирӣ интихоб шуданд, як нафар ӯзбек ҳам ҳаст. Ӯро ном Воҳидулло Шаронӣ аст. Вай номзади мустақил буда, ба ҳизби Дӯстум иртиботе надорад. Қумондони тоҷики ҳиротӣ Исмоилхон ҳам ба вазифаи вазири энержӣ ва об тасдиқ нашуд).

> *Парлумон ғайриинтизор тасмим гирифт, ки мустақилияти худро нишон диҳад ва моҳи январи соли 2010 аз 24 номзади пешниҳоднамудаи Карзай, ки дар байнашон ду ӯзбек ҳам буд, 17-тоашонро тасдиқ накард...*

Якчанд нафареро, ки номзад ба кабинети вазирон буданд, парлумон намояндагони ҷангсолорони қавмӣ хонд. Яке аз аъзои парлумон изҳор намуд, ки онҳо номзадҳои Дӯстум ва ҳатто худи Исмоилхонро рад намуда, ба Карзай имконият доданд, ки номзадҳои нисбатан ҳирфавии ба қумондонҳои маҳаллӣ содиқ набударо интихоб намояд.

> *Ӯзбекҳо ба Дӯстум аз ҳад зиёд содиқанд, зеро онҳо ӯро ҳомии ҳуқуқҳои миллӣ ва дунявии худ дар назди толибҳо ва ҳукумати марказӣ, ки асосан аз паштуҳову тоҷикҳо иборат аст, медонанд.*

Аз ин рӯ тасмими чанде пеши Карзай дар бобати барқарор кардани Дӯстум дар вазифаи сардори ситоди кулли артиши Афғонистон кӯшише мебошад барои ором кардани тарафдори худ, ки аз сабаби калон нашудани нуфузаш дар ҳукумат ранҷидааст. Ҳол он ки вай соли 2001 барои ба сари ҳокимият омадани он кӯмак кардааст.



Ба раисҷумҳури Афғонистон ҳоло ҳам Дӯстум лозим аст, то толибҳоро дуртар аз маҳалҳои ӯзбекнишини шимоли мамлакат нигоҳ дорад.

Ҳадди ақал алҳол ба Карзай муяссар шудааст, ки Дӯстум ва эътилофи ӯзбекии ӯро ба доираи сиёсии худ ҳамроҳ намояд. Чунин ба назар мерасад, ки раисҷумҳур нигаҳдории ин мувозинати сунъиро идома хоҳад дод, вале нозирони беруна, ки зарурияти дар даст нигоҳ доштани фрактсияҳои гуногуни афғонистониро намефаҳманд, ин иқдомро "гузашт ба қумондонҳо" номидаанд. Агар Карзай эътилофи худро бо Дӯстум барқарор намекард, вай боварии ӯзбекҳоро, ки то ҳол ҳукумати ӯро дастгирӣ мекунанд, аз даст медод.

Дӯстум, ки замоне рақиби Карзай маҳсуб мешуд, эҳтимол фаҳмидааст, ки бо раисҷумҳур кор кардан барояш бештар фоида меорад, аз он ки ба вай муқовимат кунад. Карзай аз он хурсанд аст, ки имконияти зери дасти худ нигоҳ доштани душмани собиқашро дорад.

# ЧЕМПИОН ОИД БА ДАХОЛАТ БА КОРҲОИ ДИГАРОН

"The "Washington Times"



**Дахолати Вашингтон ба ҳаёти сиёсии давлатҳои дигар кори хатарнок аст, таъкид кардааст дар саҳифаҳои "The "Washington Times" Дуг Бэндоу, дар гузашта ёвари раисҷумҳур Рейган оид ба корҳои махсус. Намунаи барҷастаи он нокомии Ющенко дар интихоботи чанде пеш мебошад, мегӯяд ӯ.**

Ба ақидаи муаллиф, бояд Амрико аз он дар ташвиш набошад, ки акнун кӣ раисҷумҳури Украина мешавад, зеро "статус, сиёсат ва майли Киев барои Вашингтон аҳамияти махсус надорад". Ҳукумати Путин ба амнияти Русия муносибати хеле ҷиддӣ дорад, вале ба кишварҳои аврупоӣ ва ИМА ҳамла нахоҳад кард, мефаҳмонад Бэндоу. Баробари ин ягон сиёсатмадори амрикоӣ, ки ақли солим дорад, ба хотири ҳимояи Киев Вашингтонро зери хатар намегузорад.

Намояндагони ИМА бисёр сол инҷониб ба умури кишварҳои дигар дахолат мекунанд, вале хусусиятҳои хоси маҳаллиро хеле кам сарфаҳм мераванд, менависад муаллиф. Тавре Юшенко намоиш дод, ҳатто номзади хеле амрикоигаро ҳам наметавонад ҳамватанҳояшро ба роҳе ҳидоят кунад, ки маъқулашон нест. Ҳамчунин кафолат додан мумкин нест, ки сиёсатмадори дӯст то охири умраш харида шудааст, менависад Бэндоу бо истинод ба мисоли Юлия Тимошенко. Илова бар ин сиёсатмадорони хориҷӣ одатан пеш аз ҳама манофеи кишварашон ва манфиатҳои шахсии худро фикр мекунанд. Дахолати ИМА ба умури давлатҳои бегона метавонад бесуботиро, аз ҷумла бесуботии минтақавиро таҳрик диҳад, ки натиҷаҳояш одатан нигаронкунанда мешаванд, хулоса мекунад муаллиф ва тавсия медиҳад, ки аз ин кор тамоман даст кашанд.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com



# М.ГОРБАЧЁВ: АФСӮС МЕХӮРАМ, КИ ЕЛСИНРО НОБУД НАКАРДАМ

Людмила Телин,
радиои "Озодӣ"

**Дар бораи ин вохӯрӣ мо кайҳо ба мувофиқа расида будем. Ва маълум аст, ки барои чӣ: он рӯзҳо ҷаҳон ба таҷлили 20-солагии фурӯравии девори Берлин омодагӣ медид. Тирамоҳи соли 1989 лаҳзаи дигаргуниҳои куллӣ буд дар таърихи Аврупо ва он мустақиман бо номи нахустин ва охирин раисҷумҳури Иттиҳоди Шӯравӣ иртибот дорад. Вале ҳодисаҳои рӯзҳои охир, ба қавли Горбачёв, мавзӯъҳои дигарро низ "ба миён гузоштааст".**

*-Замоне одамони шӯравӣ, ки бовар мекарданд, Ленин ҳомии халқ аст, латифае эҷод карда буданд. Брежнев фармон медиҳад, ки доҳии пролетариатро зинда кунанд. Ӯро зинда карда ба Кремл меоранд. Субҳи рӯзи дигар котиби генералии ҳизб ба Кремл меояд ва хатчаеро мебинад, ки Ленин навиштааст: "Ба Женева рафтам, бояд ҳамаашро аз нав сар кунем". Вақте ки шумо ба ҳаёти сиёсии Русия назар меандозед, хоҳише пайдо намешавад, ки ҳама корро аз нав сар кунед?*

-Пайдо мешавад. Ва хеле зиёд. Масалан, мисол меорем интихоботро. "Единая Россия" бо истифода аз бартарияташ дар Дума, чи хеле ки бароиш маъқул бошад, системаи интихоботро тағйир медиҳад … Ҳамааш ба хотири он, ки одамонро дар раванди интихобот идора карда тавонанд. Ҳатто мардумро аз имконияти раъй додан "ба муқобили ҳама" маҳрум карданд. Акнун одамон наметавонанд розӣ набудани худро ба номзадҳои пешбинишуда баён намоянд. Ана ҳамин хел рафтор кард "Единая Россия". Ин ҳизб натавонист системаи мӯътадили интихоботро тоб орад.

> **Барои вакили парлумон шудан бояд ба ҳизб дохил гардӣ ва ё ин ҷойро барои худ бихарӣ. Мегӯянд, ки ҷойи даҳум дар рӯйхати ҳизбӣ ин қадар нарх дорад, болотараш гаронтар...**

*-Агар ҷиддӣ бигӯем, он ҳизб ҳам нест.*

-Ҳар хеле набошад, вай ҳамчун ҳизб қайд шудааст. Имрӯз ба сафҳои он губернаторҳо, амалдорон ва ҳамаи онҳое шомиланд, ки ба онҳо гуфтаанд: "Ба ин ҳизб дохил шав ё…". Ана ҳамин "дохил шав, ё…" боиси он шудааст, ки дар мамлакат интихоботи воқеӣ нест, онро таҳриф ва таҳқир карданд. Маҳз аз ҳамин сабаб чанд сол боз мегӯям, ки фавран ба қонунҳои интихобот дигаргуниҳо ворид кардан лозим аст. Мо бояд ба амалӣ шудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ноил гардем, зеро имрӯз маҳз ҳамин шаҳрвандҳо аз ҳаёти воқеии сиёсӣ дур карда шудаанд. Бубинед, қариб дар ҳама ҷой интихоботро дар ҳавзаҳои якмандата бекор кардаанд. Лекин барои вакили парлумон шудан бояд ба ҳизб дохил гардӣ ва ё ин ҷойро барои худ бихарӣ. Мегӯянд, ки ҷойи даҳум дар рӯйхати ҳизбӣ ин қадар нарх дорад, агар болотар хоҳӣ, боз гаронтар. Чанде пеш маълумоти санҷиданашудае пайдо шуд, ки гӯё дар Маскав каме бештар аз 20 фоизи интихобкунандагон раъй додаанду халос…

Ҳоло дар Русия мансабдоронро бештар на интихоб, балки таъин мекунанд. Танҳо раисҷумҳурро интихоб мекунанду халос. Ҳатто интихоби губернаторро низ манъ кардаанд. Охир губернатор дар минтақа шахси асосӣ, роҳбари он аст. Вай бояд одаме бошад, ки халқ ба вай бовар кунад. Назарпурсиҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки мардум аз ин тарзи кор норозиянд…

*-Акнун бармегардем ба 20 сол пеш, моҳи октябри соли 1989.*

-Соли 1989 нуқтаи махсусест дар инкишофи раванде, ки боиси хотима ёфтани ҷанги сард гардид.

*-Оё имрӯз ба саратон фикре меояд, ки ҳамон вақт иштибоҳе содир карда будед?*

-Ба ин ман чӣ дахл дорам? Тамоми ҷаҳон дигар мешуд.

*-Дар замони Леонид Илич Брежнев он қадар дигар намешуд-ку?*

-Не, ман инкор намекунам, ки дар ин кор саҳм дорам. Вале ҳар чизе, ки буд, гузашт: дар як коре таъхир кардем, дар дигараш пеш рафтем, дар сеюмаш, агар бо ифодаи сиёсатмадорони имрӯза гӯем, сари вақт ба рӯи баъзеҳо торсакӣ назадем.

*-Лозим буд?*

-Бале, лозим буд.

*-Шуморо бисёр вақт таъна мезананд, ки соли 1989 ба ҳамон ИМП ва ё Аврупои Ғарбӣ нисбати ӯҳдадориҳояшон назди Иттиҳоди Шӯравии ба фурӯпошӣ наздик талабҳои сахттар пешниҳод накардед.*

-Ҳар чизе, ки ҳангоми муттаҳидшави Олмон навиштан лозим буд, навишта шудааст. Ва бояд гуфт, ки Олмон ҳамаашро нуқта ба нуқта иҷро кард. Якум, дар ҳудуди Ҷумҳурии Демократии Олмон на силоҳи ҳастаӣ буду на силоҳи кимиёӣ, на нерӯи бундесвер буду на ҷузъу томҳои НАТО. Дуюм, ҳамаи он чизе, ки дар доираи раванди Хелсинки муайян шуда буд, риоя гардидааст. Сеюм, мо бо Ҳелмут Кол шартномаи нодиреро ба имзо расонидем. Ва то имрӯз ҳам мо тибқи он зиндагӣ мекунем. Ин созишнома имконияти калони ҳамкориҳоро ба вуҷуд овард.

Ҳамаи кори лозимӣ анҷом дода шуд, то Олмон, ки ҳамроҳи мо қурбони ҷанги фашизм шуда буд, Олмоне, ки бо вай моро муносибатҳои чандинасра пайваст мекарданд, бигзор муносибатҳои он қадар оддӣ набошанд ҳам, ба суханҳои ходимони барҷастаи худ гӯш диҳад, ки мегуфтанд: ҳама вақт бояд бо русҳо буд. Генри Киссинҷер бошад, ба раисҷумҳури ИМА мегуфт: набояд имконият дод, ки Олмон ва Русия ба ҳам наздик шаванд. Барои чӣ? Барои он ки Олмони аз ҷиҳати демократӣ дигаршуда, ки бадбахтиро паси сар кардааст ва Русияи аз лиҳози демократӣ тағйирёфта, ки на бадбахтӣ, балки фоҷеаро паси сар кардааст, ба ҳамкориҳо шурӯъ намоянд, дар Аврупо бисёр ҳодисаҳо зери таъсири онҳо инкишоф хоҳанд ёфт.

Акнун дар бораи баъзе ӯҳдадориҳое, ки рӯи коғаз сабт нашудаанд. Навиштани онҳо чӣ лозим? Мо он чизро ба асос гирифта будем, ки дар бораи бунёди Аврупои озод, системаи ягонаи амният ба мувофиқа мерасем ва мо сиёсатмадорон расман ба кушоду рӯшан ӯҳдадориҳоро ба зиммаи худ гирифтем. Ва онҳо ин корро карданд. Ҳам Бейкер, ҳам Кол ва боз бисёр дигарон. Дар мавриди Олмон бошад, роҳбарияти шӯравӣ ва ман кореро кардем, ки лозим буд. Ба манфиати олмониҳо, ба манфиати Русия, ба манфиати Аврупо ва ба манфиати тамоми ҷаҳон.

Ба ман мегӯянд, ки чаро ҳама чизро додам? Ман чиро додам? Лаҳистонро ба лаҳистониҳо, Чехословакияро ба чеххою словакҳо… Вақте ки ман чунин ҷавоб медиҳам, ҳарифонам барои эътироз сухане намеёбанд.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

***-Солҳои бозсозӣ Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷаҳон муттаҳидини хеле зиёд ва ҳатто дӯстҳо пайдо кард. Баръакс, вақтҳои охир Русия душманҳои зиёде андӯхтааст, аз ҷумла дар ҳудудҳои ИДМ.***

-Ба фикрам, Русия он кореро идома дод, ки ҳангоми Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз шуда буд, вай ба умури дохилии ҳамсояҳо ва равандҳое, ки дар Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ баргузор мешуданд, дахолат накард. Мо соли 89-ум ба ҳайси аввалинҳо интихоботи озод баргузор намудем, ба ошкорбаёнӣ, озодии эътиқод, озодии рафтуой, плюрализми сиёсиву иқтисодӣ рӯй овардем. Баъд бояд ба муттаҳидин, ки солҳои дароз бо онҳо ҳамкорӣ мекунем, фишор оварем? Ба фикри ман, ин иштибоҳи бузург мебуд. Хеле хуб, ки чунин нашуд.

-Вале Русия хеле фаъолона ба умури ҳамсояҳои наздики худ дахолат мекунад.

-Хонаи умумиаврупоиро аз ҳар ду тараф сохтан лозим аст. Идеяи хубе вуҷуд дошт дар бобати бунёди фазои ягонаи иқтисодии чаҳор кишвар - Русия, Белоруссия, Украина ва Қазоқистон ва баробари ин дар назар буд, ки онҳо ҳамчун давлатҳои мустақил ва озод боқӣ мемонанд. Ин 80%-и потенсиали Иттиҳоди Шӯравиро ташкил медод. Лекин ин идея амалӣ нашуд…

Имрӯз роҳи дигар низ баррасӣ мешавад, вай марбут аст ба системаи амнияти дастаҷамъӣ дар Аврупо. Барои ин идея ман, вазири умури хориҷии собиқи Олмон Геншер, мушовир оид ба масоили амнияти миллии ду раисҷумҳури ИМА Форд ва Буши калонӣ Скоукрофт пешниҳодҳои худро баён доштем. Моҳияти он аз он иборат аст, ки Аврупо бояд мақоми худро дошта бошад, то масоили амниятро ба таври эҳтиёткорона ҳал карда тавонад, ба алангаи зиддиятҳо роҳ надиҳад, ҳатто хеле хурд ҳам бошад. Ман гуфтам, ки барои Аврупо шӯрои амният лозим аст, Геншер ҳам чунин ақида дорад. Скоукрофт мегӯяд, ки Шӯрои амнияти СММ вуҷуд дорад, боз идораи дигар чӣ лозим? Ин чӣ аҳамият дорад? Раисҷумҳури ИМА ҳаст, аммо раисҷумҳурҳои дигарро низ интихоб мекунанд! Ана ҳамин хел. Скоукрофт пешниҳод кард: биёед номи онро "директория" мегузорем. Бигзор чунин ном дошта бошад, фарқаш нест. Муҳим он, ки механизме вуҷуд дошта бошад, то тавонад амнияти Аврупоро воқеан таъмин карда тавонад. Ба ҳар ҳол, агар маро ба ин ареопаг даъват намекарданд ҳам, идеяи мазкурро дастгирӣ мекардам.

***-Агар даъват мекарданд?***

-Розӣ мешудам. Зимнан, дар форуми сиёсати ҷаҳонӣ, ки сарвараш ҳастам, ин мавзӯъ баррасӣ шуд. Ин муҳим аст. Махсусан акнун, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико фаҳмидааст: дар ҳолати ҷаҳони яккутба, ки дар қуллааш ИМА қарор дорад, ҳоким будан мумкин нест. Ба андешаи ман дар иртибот ба ҳамин ба сари кор омадани раисҷумҳур Обама ҳодисаи хеле калон аст.

Вақте ки се сол пеш дар Аврупои Миёна мулоқотҳо анҷом медодам, аз ман пурсиданд: бигӯед, ки шумо ба Амрико чӣ маслиҳат медиҳед? Хуб, гуфтам ман, аммо ин на ягон ҷадвал ва ё меню, балки танҳо маслиҳат хоҳад буд: фикр мекунам, ки ба Амрико бозсозии худӣ лозим аст. Толор ин суханҳоро бо чапакзании бардавом пешвоз гирифт. Ҳамон вақт ман ба тарҷумонам Павел Палагиенко гуфтам: "Амрико дар арафаи дигаргуниҳо қарор дорад". Ҳамин тавр ҳам шуд.

***-Чун аз Амрико сухан оғоз кардед, пурсиданиям: ҳамчун барандаи ҷоизаи Сулҳи Нобел шумо, соҳиби чунин мукофот шудани Барак Обамаро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?***

-Ман онро ногаҳонӣ, ғайричашмдошт гирифтам, вай ҳам ногаҳонӣ гирифт.

Ман онро сазовор будам - метавонам гӯям, ки инро бо сиёсати худ, бо масъулиятшиносиям назди кишвар, халқ ва назди ҷаҳон исбот кардам. Ва Барак Обама ҳам ба ин ҷоиза сазовор буд.

Бидуни Амрико, бидуни сиёсати фаъоли асосноки он ба манфиати тамоми башарият ягон корро бо муваффақият анҷом додан имкон надорад. Ва аз ҳамин сабаб раисҷумҳури навро дастгирӣ кардам, ки мехоҳад маҳз ҳамин хел сиёсатро роҳандозӣ намояд ва ин хеле муҳим аст.

> **Барои чӣ Генри Киссинҷер ба раисҷумҳури ИМА мегуфт: набояд имконият дод, ки Олмон ва Русия ба ҳам наздик шаванд?...**

***-Акнун бармегардем ба идеяи шумо дар бораи системаи нави амният дар Аврупо... Мумкин барои кишварҳои ғарбӣ забон ёфтан бо Русия душвор бошад, зеро дар ин ҷой системаи сиёсии ғайридемократӣ ба вуҷуд омадааст.***

-Мо дар транзити демократӣ қарор дорем. Лекин дар нимароҳ руст шудаем. Ва ҳатто ба тарафи дигар ҳаракат кардем. Вале ин маънои онро надорад, ки тамоми Русия ба қафо меравад. Ҳукуматдорон чунин механизмеро месозанд, то аз менеҷер Сталин мондан надошта бошанд. Худо нишон надиҳад, ки ба ҳамин менеҷер пайравӣ кунем.

***-Оё кафолате ҳаст, ки минбаъд ҳам мо бо ҳамин роҳ намеравем?***

-Ба фикрам ҳаст. Ларзиш хоҳем хӯрд, вале ба қафо роҳ нест.

***-Он коре, ки шумо кардед, бебозгашт аст?***

-Бебозгашт. Ҳарчанд ҳамчун сиёсатмадор ман дар набард мағлуб шудам. Аммо сиёсати бозсозӣ, сиёсати хориҷӣ, тафаккури нав, бидуни шубҳа, ғалабаи калон ба даст оварданд. Бозгашт ба қафо мумкин нест. Агар касе чунин кӯшиш карданӣ бошад, маҷрӯҳ хоҳад шуд. Ман ба онҳо ин корро маслиҳат намедиҳам. Ҷаҳон дигар шудааст.

***-Барои чӣ мегӯед, ки ҳамчун сиёсатмадор мағлуб шудаед?***

-Барои он ки маро аз зин афтонданд. Ман бояд мерафтам. Одамони барҷаста моро аз зин афтонданд - атрофиёнам, Кумитаи Марказӣ, ки қариб сад фоиз балвои соли 91-умро дастгирӣ кард.

***-Шумо дар таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсатмадори ягонае боқӣ мемонед, ки ҳокимиятро бо роҳи демократӣ ба шахси дигаре додааст.***

-Нуқтаи назари ман чунин аст - дигаргуниҳо бидуни хунрезӣ ва бидуни зӯроварӣ. Бисёриҳо намедонанд, ки то чӣ андоза ин муҳим аст.

***-Ҳатто ҷойгузини худро таъин накардед.***

-Бале, таъин накардам.

***-Чунин андешае буд дар саратон?***

-Чӣ, Борисро бояд таъин мекардам? Афсӯс мехӯрам, ки ӯро нобуд накардам. Рости гап, ба ӯ тараҳҳум кардам. Ба ҳар ҳол аз як наслем, вай аз ман як моҳ калонтар. Мо дар як сол таваллуд шудаем. Баъдтар ҳар коре, ки мекард, касеро парвое набуд. Вале барои ман баръакс буд. Ҳатто амалҳои муқаррариам ҳам боиси нафрати баъзеҳо мешуд, дандонҳояшон шароққос мезад. Масалан, пайдо шудани Раиса дар паҳлӯи ман. Дар ин бора чӣ қадар гуфтугӯзорҳо шуда буд. Чӣ, бо ҳамсарат мумкин неву бо котиба мумкин аст магар? Не, инро набахшиданд. Ман намехостам дар зиндагиам дигаргуние ворид кунам. Мо чиҳил сол аз ин пеш ва ҳам сӣ сол баъди ин дасти ҳамдигарро гирифта гашта будем. Чӣ шудааст? Хашмгин мешуданд, то имрӯз намебахшанд. Ҳамсарам тоқат накард, зеро дар ин масъала бисёр нозуктабиат буд - тобу тоқати ин тӯҳматҳоро надошт. Вай сиёсатро дӯст намедошт.

Баъзан мешуд, ки ба ӯ касе мегуфт. "Раиса Максимовна, шумо торафт зебо мешавед". Ман дар ҷавоб мегуфтам: "Дар интихоби шавҳар бахташ омад кардааст". Вай дарҳол ба гап ҳамроҳ мешуд: "Ба фикри ман, баъзеҳоро Худо зани хуб додааст". Ана ҳамин хел вай рафт ва мо натавонистем муайян кунем, ки кӣ ҳақ буд. Ман мехоҳам, ки зиндагии пештара вуҷуд дошта бошад ва мо тавонем мулоқот кунему баҳсҳоямонро идома диҳем.

-Шумо замоне мақолае навишта будед, ки "Ислоҳотчиёни хушбахт вуҷуд надоранд" ном дошт. Баъд дар мусоҳиба бо Владимир Владимирович Познер гуфтед, ки иштибоҳ кардаед. Ҳозир чӣ андеша доред?

-Вақте гуфтам ислоҳотчиёни хушбахт вуҷуд надоранд, дар назар доштам, ки чӣ қадар душвориҳо, имтиҳонҳо ба сарам рӯзу шаб омаданд, вале халқ миннатдор намешуд. Баъд худ аз худ суол кардам: барои чӣ аз ту миннатдор бошанд? Чунин бахт насиби ту гардид - дигар кардани ин кишвари бузург. Ман боз аз он сабаб хушбахтам, ки чунин оилае доштам. Оилае, ки ҳамаи ин ранҷу азоби ислоҳотхоҳиро шарик мешуд.

***-Иҷозат медиҳед саволи иғвогарона диҳам?***

-Ана сар шуд, ба хаёлам одам барин шурӯъ карда будед-ку.

***-Баъди он ки аз мансаби раисҷумҳурӣ рафтед, ягон маротиба хоҳиши тарк кардани Русия дар дилатон пайдо нашудааст?***

-Не, ҳеҷ вақт. Ҳатто хаёл ҳам накардаам. Бигзор ҳар коре хоҳанд кунанд. Маро берун кардан мумкин, нест кардан мумкин, партофтан мумкин. Вале худам намеравам.

Вақт мегузарад, афсӯс, ки ҳамааш дар қафо монд. Хайр, чӣ илоҷ, ба фикрам, чунин носерам будан мумкин нест.



PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# БУНЁДГАРОИИ ИСЛОМӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Ҷудит Лэтам

Бунёдгароии исломӣ дар шакли ифротӣ ва бераҳмонааш муддати дароз ба олами араб нисбат дода мешуд. Вале солҳои охир гурӯҳҳои ҷангхоҳи исломӣ дар дигар ҷойҳо, аз ҷумла ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ фаъол мешаванд. Аз сабаби наздикӣ ба Афғонистон тавассути ҳузури ИМА ва бисёр кишварҳои аврупоӣ ба ин минтақаи аз лиҳози стратегӣ муҳим зиёд мешавад. Дар Пресс-клуби байналмилалии Вашингтон дар ин мавзӯъ сӯҳбат баргузор гардид. Мутахассис оид ба проблемаҳои қавмию динии Аврусиё Пол Гобл ишора мекунад, ки хатари бароянда аз Осиёи Марказӣ он қадар якранг нест:

"Ҳукуматдорони ӯзбек бо ҷунбиши хеле ҷиддии исломӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар Қазоқистон вай нисбатан суст аст. Дар Туркманистон қариб ба мушоҳида намерасад. Дар Тоҷикистон қад-қади сарҳад бо Ӯзбекистон ва қисми ҷанубии Қирғизистон, ки аҳолии зиёди ӯзбектабор доранд, исломиҳо пояи устувор доранд. Ҳамин тариқ проблема ба Ӯзбекистон ва мавзеъҳои ба он ҳаммарзи Тоҷикистону Қирғизистон марбут аст".

Дар Ғарб, идома медиҳад Пол Гобл, нумӯи исломизми Осиёи Марказӣ вокуниши дучехларо ба вуҷуд овардааст. Баъзеҳо онро барои ҳокимиятҳои маҳаллӣ хатари ҷиддии ҳарбӣ-сиёсӣ ҳисоб намекунанд. Баъзеи дигарҳо ҳукуматдорони ин кишварҳо, махсусан Ӯзбекистону Қирғизистонро барои муҳоботашон дар хатари фундаментализм танқид мекунанд. Ҳар ду муносибатро Гобл нодуруст меҳисобад.

"Проблема сари он аст, ки ҳар гуна хулосаи қотеона иштибоҳ хоҳад буд. Мо бо печдарпечии зичи ҷиҳатҳои қавмӣ, динӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ сари кор дорем. Ҳукуматҳои маҳаллӣ, махсусан раисҷумҳури ӯзбек Ислом Каримов, ба ҳар зуҳуроти норозигии аҳолӣ тамғаи "исломизм" мезананд. Аз ҷониби дигар, онҳое, ки ба ҳамааш ҳокимияти Тошкандро гунаҳкор медонанд, ҷунбиши бунёдгароии исломиро дар водии Фарғона ба назари эътибор намегиранд".

Алексей Малашенко, ки дар Маркази Карнегии Маскав барномаи омӯзиши дин ва сиёсати Аврусиёро роҳбарӣ мекунад, бо баҳои Гобл розӣ аст: "Ман намехоҳам дар бораи хатари исломӣ сухан карда муҳобот кунам, лекин ӯро ба эътибор нагирифтан ҳам мумкин нест. Шахсан ман ба пайдо шудани хилофати исломӣ дар Осиёи Марказӣ боварӣ надорам. Аз ҷониби дигар вазъияти бади иқтисодӣ ва адами оппозитсияи муқаррарӣ одамонро водор месозад, ки эътирозҳои сиёсии худро дар қолаби динӣ баён кунанд. Ман гуфтанӣ нестам, ки аксарияти аҳолӣ умедҳои худро ба алтернативаи исломӣ алоқаманд мекунанд, лекин ин идея ба шуури омма дохил шудааст.

> **Бояд аз идеяе даст кашид, ки Осиёи Марказӣ "минтақаи ягона" аст. Дар он ҷой панҷ кишваре ҷойгир шудаанд, ки аз ҳамдигар фарқи калон доранд...**



Журналист Алишер Ҳомидов, ки чанде пеш аз Қирғизистон баргаштааст, мегӯяд, ки дар минтақа дигаргуниҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд. "Ба фикри манн, перомуни бунёдгароии исломӣ дар Осиёи Марказӣ сахт муҳобот мекунанд. Тӯли панҷ соли охир дар водии Фарғона дигаргуниҳои калон ба вуҷуд омадаанд ва дар натиҷа исломи бунёдгаро нуфузи худро аз даст додааст. Омили асосӣ муҷозот алайҳи онҳоест, ки ҳукуматдорон бунёдгароҳои исломӣ меноманд. Одамон аз гунаҳкор шудан ба иртибот бо "Ҳизб-ут-Таҳрир" ва дигар созмонҳое, ки ба рӯйхати сиёҳи ҳукумат дохил шудаанд, метарсанд.

Омили дуюм ин иқтисодиёт аст. Аксарияти ҷавонон - аъзои эҳтимолии бунёдгароҳо барои пайдо кардани ҷойи кор ба Русия рафтаанд. Ва омили муҳими сеюм рақобати идеологист. Солҳои охир дар водии Фарғона ва қисматҳои дигари Осиёи Марказӣ пурзӯршавии исломи мӯътадил мушоҳида мешавад".

Пол Гобл диққатро ба он ҷалб мекунад, ки ҳангоми иртибот бо лидерҳои минтақа вижагиҳои маҳаллиро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

"Вақте раисҷумҳур Каримов ба намояндагони амрикоиву аврупоӣ изҳор мекунад, ки ҳамаи эътирозгарони муқобили ӯ исломиҳои ашаддиянд, ба суханҳои ӯ пурра бовар кардан лозим нест. Баъдан, бояд аз он идеяе даст кашид, ки Осиёи Марказӣ "минтақаи ягона" аст. Дар он ҷой панҷ кишваре ҷойгир шудаанд, ки аз ҳамдигар фарқи калон доранд. Ниҳоят, ҷиҳати сеюм, ки аҳамияти ҷиддӣ дорад. Аз сабаби он ки сарҳадҳои қавмию динӣ бо сарҳадҳои давлатӣ мувофиқат намекунанд, бояд хеле баадабона ва эҳтиёткорона рафтор кунем, ки мо аксар вақт ба ин эътибор намедиҳем. Масалан, вақте ки дар бораи ҳодисаҳои Қирғизистон хабар медиҳем, бояд ба ҳисоб гирифт, ки проблема ба ӯзбакҳои онҷой таааллуқ дорад, на ба қирғизҳо".

Ба қавли Алишер Ҳомидов, вақтҳои охир дар Вашингтон аз вазъияти воқеии Осиёи Марказӣ огоҳанд:

"Дар муқоиса ба маъмуриятҳои гузашта командаи раисҷумҳур Обама аз оқибатҳои манфии ҷораҳои репрессивӣ зери парчами мубориза бо исломизм хабардор аст. Аммо ҳоло тавaҷҷӯҳи Вашингтон ба Афғонистон, ба амнияти сарбозони мустақар дар он ҷой ва ба муваффақияти маъракаи роҳандозикардааш дар ин кишвар равона гардидааст. Аз ин рӯ маъмурият омода аст, ки бо режимҳои ғайридемократӣ ҳамкорӣ кунад ва аз онҳо дар бораи поймолшавии ҳуқуқҳои инсон ҳангоми мубориза бо бунёдгароии исломӣ суол накунад".

> **Дар Тоҷикистон қад-қади сарҳад бо Ӯзбекистон ва қисми ҷанубии Қирғизистон, ки аҳолии зиёди ӯзбектабор доранд, исломиҳо пояи устувор доранд.**

Коршиносон ҳамфикранд, ки бунёдгароии исломиро дар Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои дигар аз рӯи нуфузи идеологияи паҳнкунандагони он ба ҷомеае, ки дар он фаъолият мекунанд, арзёбӣ кардан лозим аст.

# ТОЛИБҲОИ ПОКИСТОНӢ ҲАЛОКАТИ ПЕШВОИ ХУДРО ЭЪТИРОФ КАРДАНД

Толибҳои покистонӣ ҳалокати пешвояшон Ҳакимулло Мақсудро эътироф намуданд ва нақл карданд, ки ба ҷойи ӯ ходими намоён Мавлавӣ Нур Ҷамол таъин шудааст. Мақсуд аз ҷароҳате, ки ҳангоми ҳуҷуми ҳавопаймоҳои бесарнишини амрикоӣ бардошта буд, ҳалок шуд. Толибҳо роҳбари захмишудаи худро хостанд барои табобат ба шаҳри Қарочӣ интиқол диҳанд, вале вай дар нимаи роҳ, дар шаҳри Мултон вафот кард.

Хабарҳои ба ҳам зид перомуни он ки Мақсуд зинда аст ё не, аз Покистон чанд ҳафта боз мерасанд. Бино ба маълумоти ВАО, ки бо сарчашмаҳои ҳарбӣ истинод мекунанд, ҳамчунин ба қавл хабаррасонҳои минтақаи қабилавии ҳаммарз бо Афғонистон Мақсуд дар ҳақиқат ҳалок шудааст. Лекин намояндаи толибҳои покистонӣ Аъзам Тариқ мунтазам хабарҳоро дар бораи вафоти Мақсуд рад мекунад ва мегӯяд, ки ӯ зиндаву дар ҷойи бехавф қарор дорад. Хадамоти матбуоти артиши Покистон дар бораи ҳалокати Мақсуд иттилоъ надошт. Манбаъҳои хадамоти махсус хабар медиҳанд, ки вай захмӣ аст.

Ин дафъа маълумотро перомуни ҳалокати сарварашон ҳатто сарчашмаҳои худи ҷунбиши «Толибон» низ тасдиқ карданд. Чи хеле ки ин манбаъҳо ба хабарнигорони шабакаҳои телевизионӣ хабар доданд, ба ҷойи пешвои толибҳои покистонӣ қумондони бонуфуз Мавлавӣ Нур Ҷамол интихоб шудааст. Бино ба маълумоти ВАО, Нур Ҷамол зодаи вилояти қабилавии Куррам аст. Вай бо Ҳакимулло Мақсуд муносибати дӯстона дошт ва ҳамчунин шахси сахтгир эътироф шудааст. Алҳол шарҳи расмӣ оид ба ин хабарҳо нарасидааст.

Толибҳои покистонӣ Ҳакимулло Мақсудро моҳи августи соли 2009, баъди он ки сарвари пештараашон Байтуллоҳ Мақсуд аз зарбаи мушакӣ ҳалок гардид, пешвои худ интихоб карданд.

Дастгоҳҳои парвозкунандаи бе сарнишини амрикоӣ ба ҳудудҳои бо Афғонистон ҳаммарзи Покистон, бо вуҷуди норозигии расмии Исломобод, мунтазам зарба мезананд. Вашингтон хабар медиҳад, ки бо ҳамин роҳ аъзои дар ҳамин навоҳии кӯҳӣ сарпаноҳёфтаи ҷунбиши «Толибон»-ро шикор мекунад. Мегӯянд, ки ҳангоми яке аз чунин ҳамлаҳо дар миёнаҳои моҳи январ Ҳакимуллоҳ Мақсуд ҷароҳат бардошта буд.

Аз оғози соли гузашта ҳавопаймоҳои бесарнишини амрикоӣ ҳудудҳои шимолу ғарбии Покистонро беш аз 60 маротиба мушакборон кардаанд, ки дар натиҷа, бино ба маълумотҳои гуногун, зиёда аз 500 кас кушта шудааст, аз ҷумла якчанд нафар толиби бонуфуз, вале асосан сокинони осоишта. Охирҳои моҳи январ амрикоиҳо маҷбур шуданд, ки парвози ҳавопаймоҳои бесарнишинро қатъ кунанд, зеро дутои онҳоро зада афтонданд.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

Фёдор Пашин, сиёсатшинос



# АВРУОСИЁ ДАР РЎБАРЎИ ДАҲШАТИ АФҒОНИСТОН

То имрўз баҳсу мунозираҳо перомуни ворид кардани низомиҳои шўравӣ ба Афғонистон дар моҳи декабри соли 1979 хомўш намешаванд. Вай махсусан имрўз, ки кишвари мазкур ба маркази ҳодисаҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, аҳамияти махсус касб мекунад.

Қарори се даҳсола пеш қабулнамудаи роҳбарияти ҳарбӣ-сиёсии Иттиҳоди Шўравиро аз мавқеъҳои гуногун арзёбӣ кардан мумкин аст. Агар манофеи миллии Русияро ба назар бигирем, ки ҳамон вақт асос ва меҳвари Иттиҳоди Шўравӣ маҳсуб мешуд, бо якчанд сабаб чунин гомро гузоштан лозим набуд. Аввалан, таъсири Маскав ба вазъияти Афғонистон ва атрофи он бе ин ҳам ба андозаи муҳим барои босамар ҳал кардани ҳар гуна вазифаи геостратегӣ кофӣ буд. Ба фикрам, хубтар мебуд таваҷҷўҳи бештар зоҳир кардан ба тайёр намудани кадрҳои миллӣ дар Иттиҳоди Шўравӣ, рушди иқтисодиёти Афғонистон дар асоси принтсипҳои бисёртарза, расондани кўмаки бештар ва мушаххаси молиявӣ, ба эътибор гирифтани омили ислом дар корҳои иттилоотӣ-тарғиботӣ ва ғайраву ҳоказо.

Ва, албатта, дар ҳама ҳолат хеле муҳим буд эҳтиёт кардани муносибати хайрхоҳонаи афғонистониҳо ба "ҳамсояи шимолӣ"-и худ. Бо вуҷуди характери коммунистӣ доштани режими ҳукмрон дар Иттиҳоди Шўравӣ бисёр кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла Афғонистон, дар симои Маскав ҳомӣ ва кафили худро аз экспансияи ҳарбӣ-сиёсӣ, молиявӣ-иқтисодӣ ва иттилоотӣ-фарҳангии Ғарб медиданд.

Ҳоло маълум аст, ки ҳамон солҳо ИҶШС бояд қурбонии асосии нақшаҳои геостратегии атлантикӣ мешуд ва ҳамин тавр ҳам шуд. Тибқи ин нақша, бояд кишварҳои лагери сотсиалистиро бо сарварии Иттиҳоди Шўравӣ ба задухўрд бо намояндагони тамаддуни исломӣ тела медоданд. Ҷанги эъломнашудаи Афғонистон бояд ба марҳилаи асосӣ ва ҳалкунандаи ҷанги глобалии сарди Ғарб алайҳи ИҶШС табдил меёфт.

> *...геостратегияи атлантикӣ хароб кардани баъзе давлатҳоро аз қабили Эрону Афғонистон ва ташкили давлатҳои навро аз қабили Пуштунистон, Курдистон, Балуҷистон дар назар дорад.*

Иттиҳоди Шўравӣ нерўҳои мусаллаҳашро вориди Афғонистон карда, ба дом афтод. Оқибатҳои манфии онро дер интизор шудан лозим наомад. Онҳо ба ҳама маълуманд: сарбории молиявии вазнин ба буҷа; талафоти калони инсонию моддӣ; зиёд шудани рўҳияи зиддиҷангӣ; вайрон шудани мавқеи байналмилалӣ, пеш аз ҳам дар олами ислом. Муҳимтар аз ҳама, занг задани сохти сиёсӣ дар кишвар, хароб шудани асосҳои сулҳи байни миллатҳо ва зери хатар мондани амнияти миллӣ ва тамомияти арзӣ. Ҳамин тариқ Афғонистон дар вайрон шудани системаи ҷаҳонии сотсиализм ва пошхўрии Иттиҳоди Шўравӣ нақши асосӣ бозидааст.

Ҷанг ба Афғонистон ҳам хисороти калон ворид кард. Ин ҳалокати оммавии одамон, вайрон шудани асосҳои тарзи анъанавии ҳаёт ва хоҷагидорӣ, ба манбаи нооромиву носуботиҳо, маркази ҷаҳонии тиҷорати моводи мухаддир табдил ёфтани кишвар аст. Дарҳол, баъди аз Афғонистон хориҷ шудани артиши 40-уми шўравӣ дар мамлакат оташи ҷанги дохилии бародаркуши беохир аланга зад. Бояд гуфт, ки ба ин кишвар ворид шудани нерўҳои ҳарбии ИМА ва муттаҳидини вай аз НАТО дар соли 2001 боиси ҳаллу фасли ягон масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ нагардид, балки проблемаҳои навро ба миён овард.

Тўли солҳои зиёди ҷанг афғонҳои мусаллаҳ ба кўмаки саховатмандонаи моддиву молиявии ҷонибҳои мухолиф одат карда, барои баргаштан ба кори муқаррарӣ, яъне кишоварзию ғайраҳо он қадар кўшиш намекарданд ва роҳҳои нави рўзгузарониро ҷустуҷўй менамуданд. Заиф шудани ҳукумати марказӣ дар Кобул имконият фароҳам овард, ки дар маҳалҳо истеҳсоли оммавии моводи мухаддир эҳё шавад ва васеъ паҳн гардад. Аксар вақт парвариши кўкнор манбаи ягонаи даромади деҳқонҳо буд. Дар ҳолати хушксолии доимӣ майдони ғаллазор метавонад нобуд шавад, ҳол он ки кўкнор қариб об талаб намекунад. Баробари ин гандум ҳама вақт дар Афғонистон арзон будааст. Аз ҳамин сабаб афғонҳо парвое надоштанд, ки аз моводи мухаддир дар ҷаҳон чӣ қадар одам ҳалок мешавад, балки муҳим он буд, ки аҳли хонаводаи онҳо аз гуруснагӣ намуранд.

Ягон кишвари ҷаҳон ба андозаи Афғонистон моводи мухаддир содир намекунад. Бино ба маълумоти СММ, дар ин ҷой қариб 90 дарсади афюни ба бозори ҷаҳон воридшаванда тавлид мегардад.

Хурўҷи артиши 40-уми шўравиро аз Афғонистон баъди ҳузури даҳсолаи он дар ин кишвар бо назардошти ин арзёбӣ кардан лозим аст. Аз нуқтаи назари дурнамоии ИҶШС ва Афғонистон чунин тасмими Иттиҳоди Шўравӣ иштибоҳи калонтаре буд нисбат ба ворид кардани нерўҳои мусаллаҳ ба ин мамлакат.

Имрўз Америко ҳам ба дом афтодааст. Бешубҳа, чи хеле ки тамоми таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, вай ҳам қурбонии нақшаҳои геостратегии атлантикӣ оид ба ташаккули конфигуратсияи нави геополитикӣ дар қораи Авруосиё мешавад. Чи хеле ки дар ВАО пешгўӣ мекунанд, моҷарои Афғонистон метавонад тақдири оиндаи "пулиси ҷаҳонӣ"-ро ҳал намояд.

Аммо, аз ин на ба Русия суде мерасаду на ба Афғонистон ва на ба кишварҳои дигари Авруосиё. Дар матбуот аллакай хабарҳое пайдо шудаанд, ки дар рўзномаи геостратегияи атлантикӣ масъалаҳои хароб кардани баъзе давлатҳои соҳибистиқлол, аз қабили Эрону Афғонистон ва ташкили давлатҳои нав, аз ҷумла Пуштунистон, Курдистон, Балуҷистон ва ғайраҳо истодаанд. Мо метавонем танҳо тахмин кунем, ки чунин "ташаббусҳо" чӣ хел равандҳои манфиро дар қораи Авруосиё таҳрик медиҳанд.

## НОНХЎРАКУ ЗАНБЎРҲОРО АЛОҚАИ МОБИЛӢ НЕСТ МЕКУНАД?

"НМ"

**Мутахассисонро зухуроте, аз қабили нест шудани нонхўракҳои зард ба андеша водор кардааст. Зеро бисёриҳо мушоҳида кардаанд, ки ин сокинони доимии манзили бисёр одамон худ аз худ ғайб задаанд. Вазъият фирори калламушҳоро аз киштии ғарқшудаистода ба хотир меорад.**
**Мутахассисон якчанд фарзияи нестшавии нонхўракҳоро пешниҳод кардаанд:**

**1.** Бехтаршавии ҳолати беҳдоштии амборҳо ва фурўшгоҳҳои моводи ғизоӣ туфайли такмил ёфтани масолеҳи борпечонӣ.

**2.** Истифодаи оммавии заҳрҳои таъсирашон зўр ва тўлонӣ.

**3.** Бўйҳои тунд аз зарфҳои пластмассӣ, мебел, деворкоғазҳо, линолеум.

**4.** Фарзияи ба ҳақиқат хеле наздик нестшавии нонхўракҳо аз сабаби бисёр шудани алоқаи мобилии басомадаш баланд мебошад. Махсусан, дар Русия, ки стандартҳои кўҳнаи GSM ва GPRS амал мекунанд, маҳз нонхўракҳо қурбони он шудаанд. Ба кишварҳое, ки стандартҳои насли сеюм (UMTS ва GDMA 2000) паҳн шудааст, камтар омад кардааст. Дар он ҷойҳо занбўрҳои асал ба таври оммавӣ ҳалок мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ватани нонхўрак Осиёи Ҷанубӣ мебошад ва он ба Аврупою Америкои Шимолӣ дар асри XVIII оварда шудааст, ки дар манзили одамони он ҷойҳо хеле тез зиёд шуд. Ҳангоми аз 50С паст будани ҳарорат нонхўракҳо ҳалок мешаванд, аз ин рў дар иқлими сарди шимол онҳо дар хонаҳои доимо гарм зиндагӣ карда метавонанд.

Нонхўраки зард ҳама чизро мехўрад: пасмондаҳои хўроки одам, дар ҳолати набудани онҳо коғаз, матоъ,-чарми пойафзол, муқоваи китобҳо, собун ва ғайраҳоро истеъмол мекунад.

Нонхўракҳо, ки ҳам бо ифлосиҳо ва ҳам бо ғизои тоза сари кор доранд, метавонанд сабаби паҳншавии бемориҳои гуногун, махсусан гастроэнтерит, диарея, дизентерия ва амсоли инҳо шаванд.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# "Гаити намемирад, Гаити набояд мирад..."

Ин фоҷеа басо мудҳиш дар таърихи ин кишвар буд. Ҳатто дар замонҳое, ки ҷанги шаҳрвандӣ ҷони садҳо танро рабуд, фоҷеа ба ин ҳад дардовар ва мудҳиш ба назар намерасид ва таърихи башар зарфи ин чанд даҳсолаи охир ёд надоштааст, ки бар асари як ларзиши замин ба ин шумор инсон ҷони ширини худро аз даст диҳад. Фоҷеаи рӯзи 12 январи соли ҷорӣ дар Гаити бештар аз 200 ҳазор нафарро ба коми худ кашид, зиёда аз 300 ҳазор нафар захмӣ шуданд ва миллионҳо тан хонаву кошонаи худро аз даст доданд. Охири ҳафтаи сипаришуда билохира баъди нишастани беш аз як моҳ бар мотами мурдагон ҳукуматдорони ин кишвар рӯзи ёдбуди рафтагонро баргузор карданд. Суханони президенти Гаити хотирмон буд: "Гаити намемирад, Гаити набояд мирад".

"Дар чунин як рӯзи ёдбуд, ба ман чун як шаҳрванди қатории Гаити, мард ва сарвари як хонавода иҷозат диҳед, ба шумо муроҷиат намоям, ки истодагарӣ кунед, ба мушкилот тобовар бошед. Ман сухане аз ин беш намеёбам, ки дар чунин лаҳзаҳо ироз дорам. Мо танҳо дар мардонагӣ ва сабру шикебоии шумо неруи дар оянда зистан пайдо мекунем",- гуфт президент.

Давлати Гаити мегӯяд, дар ин заминларза ҳаддиақал аз 217 то 230 ҳазор нафар қурбон шуданд. Дар байни осебдидагон се миллион нафарашон сокинони Гаитианд. Ҳангоми заминларза бештар аз 250 ҳазор хона вайрон шуд, наздик ба 1 миллион нафар бесарпаноҳ монданд. Умқи ин фоҷеаи башарӣ басо бузург аст.

Новобаста аз он ки дар Гаити наҷотдиҳандагони СММ ва гурӯҳҳои зиёде аз давлатҳои бузурги олам кор мекунад, вале бисёре аз сокинони ин гӯша аз хоки олам ба кӯмакҳои ҷаҳонӣ чашми умед дӯхтаанд. Чизе, ки мардумро бештар азият медиҳад, ин оғози рӯзу шабҳои боронӣ аст. Афроди бесарпаноҳ ба мудҳиштарин ҳолат гирифтор мегарданд.





Ҳамоҳангсози кӯмакҳои СММ, собиқ президенти ИМА Билл Клинтон мегӯяд, Гаити бӯҳронро танҳо бо дарёфти кӯмакҳои башарӣ пушти сар мегузорад.

"Ба он нигоҳ накарда, ки талафот басо сангин буд, вале Гаити имкони эҳё дорад. Аммо барои ин мо ҳамагон бояд кореро анҷом диҳем, ки қудратамон ба он мерасад",- гуфт Клинтон. Дар як изҳороти дигар президенти собиқи ИМА Билл Клинтон мегӯяд: "Ҳарчанд рӯз то рӯз шароити зиндагонӣ беҳбуд меёбад, вале ҳамоно одамони зиёде ниёз ба дастгирӣ доранд, барояшон ба таври оҷил бояд сарпаноҳ сохт, барои ин масолеҳи сохтмонӣ намерасад, ба одамон маводи хӯрока, воситаҳои гигиенаи шахсӣ ва сару либос намерасад". Ва Кохи Сафед охири ҳафтаи гузашта эълон кард, ки ваъз дар Гаити фоҷеабор боқӣ мемонад.

### ВАШИНГТОН КӮМАК МЕКУНАД, ШАҲРВАНДОНАШ ТИФЛАКОНРО МЕРАБОЯНД

Аммо амрикоиҳо дар ин фоҷеа танҳо кӯмаки башарӣ нарасондаанд. Иддае аз шаҳрвандони ин кишвар ба одамрабой аз Гаитии аламзада муттаҳам мешаванд. 29 январи соли равон даҳ нафар аз узви калисои баптистони штати амрикоии Айдахо, ки ба хотири кӯмак ба зарардидагони Гаити вориди ин кишвар шуда буданд, ба ҷурмии одамрабой ва бидуни иҷоза берун бурдани тифлони Гаити боздошт шуданд. Дар як мошини боркаш онҳо 33 тифлро рабуда мехостанд ва марз убур кунанд. Ин миссионерҳо мегӯянд, тифлакон бар асари заминларза волидайни худро аз даст дода буданд ва онҳо мехостанд барояшон кӯмаки амалӣ расонанд. Тибқи қонуне, ки баъди заминларза ба имзо расид, фарзандхондагӣ ҷиддан таҳти назорати давлат гузашт ва акнун аз ин пас дар ҳуҷҷатҳои ба ин хотир омодашуда сарвазири ин кишвар бояд имзо гузорад.

Дар арафаи рӯзи поси хотир доддгоҳ баррасии парвандаро ба таъвиқ андохт ва қарор аст он баъди танаффузи чандрӯза аввали ҳафтаи дигар аз сар гирифта шавад.



### ИСРОИЛИЁН БОШАНД УЗВИ БАДАНИ ИНСОНҲОРО МЕРАБОЯНД

Исроилро бори дигар ба дуздидани узви бадани инсон муттаҳам мекунанд. Аммо ин бор сухан дар борам фаластинихо намеравад. Мақомот мегӯянд, духтурон ва кормандони созмонҳои кӯмакрасони Исроил дар Гаитии аламзада даст ба ин амали нопок задаанд. Аввалин маротиба ин хабарҳо дар блогҳои интернетӣ роҳ ёфтанд, вале кам касоне буданд, ки ба чунин ахбор таваҷҷӯҳ кунанд. Аммо ахиран иттилои узви инсонрабоии яҳудиён тоза шуд. Собиқ депутати парламенти Британияи Кабир хонум Ҷенни Тонг талаб кард, ки ин хабарҳо, ки алҳол гумону тахминанд, ҷиддан омӯхта ва тафтиш карда шаванд.

Тибқи ахбори расида ҳарбиён ва духтурони исроилӣ, ки бо даъвати СММ ҷиҳати кӯмак ба осебдидагони заминларзаи Гаити вориди ин кишвар шуда буданд, ба дуздидани узви бадани шаҳрвандони мақтули он машғул шудаанд. Аз ҷумла торнигори "You Tube" ҳатто навори видеоиеро ҳам намоиш додааст, ки тибқи он метавон хулоса кард, ки исроилиён он кореро, ки дар навори Ғазза бо фаластиниён кардаанд, метавонистанд бо шаҳрвандони Гаити низ анҷом диҳанд. Торнигори ёдшуда ба мақолаи моҷаробарангези рӯзномаи шведии "Aftonbladet" истинод мекунад, ки исроилиёнро ба рабудани узви бадани фаластиниён дар ҷараёни амалиёт дар навори Ғазза муттаҳам мекард.

Аммо бо гузашти замон мақомоти исроилӣ то ҳадде ҷо доштани чунин ҳодисаҳоро дар артиши ин кишвар тайид намуд. Вале он то ҳанӯз ба таври равшан ва ошкоро фош ва арзёбӣ нашудааст. Хонум Тонг мегӯяд, артиш ва иттиҳодияҳои синфии Исроил бояд ҷиддан ин далелҳоро тафтиш кунанд ва агар чунин ҳодисае ҷо надошта бошад, расман пайи такзиби он далоили зарурирро ба ҷаҳониён пешкаш созанд.

Маврид ба таъкид аст, ки хонум Ҷенни Тонг басо фаъолона ва боҷуръатона аз фаластиниён пуштибонӣ мекунад ва на як бору ду бор аст, ки бо изҳори назарҳои зиддиисроилӣ худро дар маркази пархошҳои сиёсӣ қарор додааст. Соли 2004 вай гуфта буд, ки агар сокини навори Ғазза мебуд, ӯ низ сафи занони шаҳодатталабро пур мекард. Соле қабл бошад аз Димишқ дидан кард ва дар ҷараёни ин сафар бо сарварони "ҲАМОС" дидор ва гуфтугӯ намуд.

# КАЛАШНИКОВҲОИ ПАСТСИФАТ БАРОИ АФҒОНИСТОН

**Русия омода аст, тиҷорати силоҳро бо Афғонистон густариш диҳад, танҳо ба он шарте, ки агар ин дар асоси маблағгузории байналмилалӣ бошад.**

«Мо ба Афғонистон метавонем кӯмаки бебозгашти ҳарбӣ кунем. Вале ин танҳо як кӯмаки маҳдудест, ки бояд сурат гирад. Барои он ки чунин кӯмакҳо васеъ ва ҳамаҷониба бошанд, ниёз ба маблағгузории байналмилалӣ мавҷуд аст», - гуфт ба Интерфакс ҷонишини котиби шӯрои амнияти Русия Владимир Назаров.

Ба гуфтаи ӯ имрӯз артиш ва пулиси Афғонистон бо силлоҳои сохти русӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд, ки онро ИМА аз кишварҳои Аврупои Шарқӣ мехарад ва ин давлатҳои барои тавлиди он ягон иҷозатнома надоранд.

ИМА ва муттаҳидонаш пулро масрафи коре мекунанд, ки аз нигоҳи мо самара надорад. Онҳо амалан силоҳҳои сифаташон пастро харидорӣ мекунанд. Мо омодаем силоҳ ва воситаҳои техникӣ, ҳатто чархболҳоро низ, ки пулиси мубориза бо мухаддироти Афғонистон ба онҳо ниёз дорад, тахвил диҳем. Ин метавонад аз ҳисоби маблағу воситаҳое амалӣ гардад, ки ИМА ва муттаҳидонаш барои тақвияти пулис ва артиши Афғонистон ҷудо мукунанд. Ва боз ин дар ҳолест, ки мо силоҳҳои сифатан олиро пешниҳод мекунем», - гуфт ӯ.

Соҳибмақоми давлати Русия ҳамчунин гуфтааст, ки афғонҳо бештар ба силоҳҳои тавлиди Русия марoқ доранд. Онҳо шикоят мекунанд, ки силлоҳое, ки барояшон дода мешавад, сифатан пастанд ва зуд аз кор мемонанд. Ин силоҳҳо даҳҳо маротиба пасттар аз Калашникове мебошанд, ки дар Русия истеҳсол мешавад.



PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

# РОБИЯ БРОДБЕК: РОҲ СӮИ ИСЛОМ

**"Баъди рӯ овардан ба Ислом ҳис мекунам, ки рӯҳи санъаткории ман ба шукуфоӣ рӯ овард".**

**Ин сатрҳо моли касест, ки оромиши қалбиро дар оғӯши Ислом ёфтааст. Инсоне, ки умре пайрави аз адёни ғайр мекард ва гузаштагонаш бо ҳамон оин сар ба болини хок монда буданд, имрӯз як чеҳраи намоёни Ислом дар санъат аст. Шахсе, ки таълими ғарбӣ дошт, умре арзишҳои фарҳангии ғарбро месутуд ва дар рӯҳияи санъати ғарбӣ ба камол расида буд, ҳоло мункири гузашта аст ва мегӯяд, ин Ислом буд, ки ӯро ба роҳи рост ҳидоят намуд, Ислом буд, ки на ки ба гузаштаи ӯ хати батлон кашида бошад, балки онро комилтар ва пурғановаттар кард. Сӯҳбате, ки пешкаш мешавад, бозчоп ва тарҷума аз маҷаллаи "Altin Oluk" ("Чашмаи зарин") аст ва мо ба он ба ҷуз ин сарсухани кӯтоҳ чизе илова накардаем. Онро тавре ҳаст ба таваҷҷӯҳи хонанда пешкаш мекунем, то алоқамандони "Дунё" бидонанд, ки дар ин олам кам касоне нестанд, ки ба хотири дини инсонсоз, ба хотири рӯ овардан ба Худои якто аз бисёре арзишҳои фарҳангии авлодии худ, ки дар хунашон дар ҷараён аст, даст мекашанд ва қонунҳои Исломи нобро мепазиранд ва дар ҳавои он зиндагонӣ карданро шиори зиндагонии худ мекунанд. Инак, мусоҳиба:**

### ДИН - РАҲОӢ АЗ ЭҲСОСИ АМИҚИ ТАНҲОӢ

Бо Робиа мо дар ҳуҷраи басо оддӣ, тозаву озода, ки дорои тирезаҳои бузурги сӯйи масҷид боз, воқеъ дар яке аз қадимтарин ноҳияҳои шаҳри Стамбул - Фотеҳа ҳамсӯҳбат шудем. Тӯли 15 соле, ки Ислом овардааст, аз рӯзгори худ китобҳои зиёде таълиф кардааст. Робиа дорои хонаводаи олиҷанобест: шавҳари меҳрубону дилсӯз ва як писараки нозанин. Ӯ бо шавқу завқи беандоза нақл мекунад, ки вориди як масҷиди хурдакак шудан чӣ гуна тақдири оиндаи ӯро тағйир дод. Ва аз ӯ мепусам:

*- Шумо ба хотири Ислом бисёр чизҳоро раҳо кардед: шӯҳрат, кишвари ободу сарватманд. Дин барои Шумо чист?*

- Он маро аз эҳсоси амиқи танҳоӣ раҳо кард.

*- Бо Ислом чӣ гуна ошно шудед?*

- Ман дар шаҳри Базели Швейцария зиндагонӣ мекардам. Аз 12- солагӣ машқи балет доштам. Чун шавқам ба он зиёд буд, ба комёбиҳо низ ноил гардидам. Вале ин бароям басанда набуд. Аз навиштаҷоти дафтари хотираҳои ман дар он солҳо сатрҳои зеринро метавон мутолиа кард: "Мо бояд ҳама кӯшишоти худро ба он равона намоем, ки чизи асосие, ки аз даст додаем, пайдо кунем". Ва ман ин чизи аз ҳама асосиро ҳамвора ҷустуҷӯ доштам…

Вақте ки дар Лондон таҳсил мекардам, дар як кишвари бароям бегона, дар иҳотаи мардони ҷавон ба қасди паноҳ бурдан аз танҳоӣ ва бетафовутии онҳо ба зиндагӣ мекӯшидам бо истифода аз нӯшокиҳои мадҳушкунанда, маводи мухаддир ва иртибототи бетартиби ҷинсӣ аз муҳити эшон фирор кунам. Вале ғаризаи ғуруру ҳавобаландӣ роҳ намедод, ки бо ин тарз оянда низ зиндагонӣ кунам. Зеро эҳсос мекардам, ки ин роҳ касро ба вартаи ҳалокат мебарад.

Машқҳои пайвастаи санъат ба ман шӯҳрат оварданд, соҳиби обрӯ ва номи баланд шудам, вале ҳис менамудам, ки дар рӯҳи ман ҷойи холӣ боқӣ мондааст…



Ин буд, ки дар ҷустуҷӯи ҳаёти нав ва тассуроти тоза аз зиндагонӣ ман азми сафари Ню-Йорк кардам. Маро ба Down Town - маркази бадеии зиндагонии "бесарусомон", ки намояндагони самтҳои гуногуни санъат лоиҳаҳои якҷояи худро дар ҳаёт татбиқ мекарданд, даъват намуданд.

Кори нав, зиндагонии нав, комёбиҳои тоза оғоз шуданд, вале чун пештара шадидан эҳсоси танҳоӣ мекардам.

### "БА МАВЪИЗАҲОИ КАЛИСО БОВАР НАДОШТАМ..."

Боре ҳамроҳи дӯстони худ аз Голливуд аз як кӯчаи серодам гузар мекардем. Ногаҳон як чизи ғайриоддиеро ба мушоҳида гирифтем: дар рӯ ба рӯи мо на хонаи истиқоматӣ, на муассиса ва на устохона қарор дошт. Дарҳои бино боз буданд, дохили он басо зебову дилкаш қолинпӯш шуда, дами дари он пойафзолҳо ба чашм мерасиданд. Ва маҳз ҳамин чиз бештар таваҷҷӯҳи моро ба худ кашид. Дар шаҳри Ню-Йорк пайдо кардани бинои дарбоз мисли он буд, ки аз байни ғарами коҳ сӯзан биҷӯӣ. Одамон дар ин шаҳр бо тарс аз ҳама чиз басо пӯшида зиндагонӣ мекунанд. Вале ин ҷо мебинем, ки пойафзолҳо бидуни назорат гузошта шудаанд. Ҳисси кунҷковӣ боло гирифт ва мо қарор додем, ки вориди он гардем..

Моро шахсе пешвоз гирифт, ки аз ваҷоҳаташ инсони хуб ва хушбахт буданаш пайдо буд. Моҳи Рамазон буд (мо инро баъд фаҳмидем) ва биное, ки мо вориди он шудем, масҷиди мусалмонони минтақа будааст. Моро ба сари миз даъват намуданд. Баъди таоми шом ҳамагӣ дар намоз шуданд ва Офаридгорро барои неъматҳояш сипос гуфтанд. Ин басо ба ман писанд омад. Ман он вақт медонистам, ки Худованд вуҷуд дорад, вале намедонистам, ки бо ӯ чунин осону содда метавон гуфтугӯ кард. Ин барои ман кашфиёт буд. Баъди намоз як нафар бо ҳозирин сӯҳбат намуд. Мо бо нафасҳои дарункашида гӯш ба суханони ӯ фаро додем. Ман ба ҳар як ҳарфи ӯ бовар кардам. Дар тӯли ҳаёти худ ҳамеша одамеро меҷустам, ки сухани худро дар амал татбиқ намояд. Ва ман ҳеҷ шаке надоштам, ки ин мард бо гуфтаи худ мувофиқ кор мекунад. Ин аз симои гарм ва нерӯи суханонаш пайдо буд. Ман мавъизаҳоро дар калисоҳои масеҳӣ зиёд шунида будам, вале ҳеҷ кадоми онҳо бароям таъсире надоштанд. Ман аслан ба онҳо бовар намекардам.

Дар масҷиди тозаву озодаи Бродвей бисёр чизҳо бароям кушода шуданд ва ман ба худ гуфтам: "Ин аст чизе, ки тамоми умр меҷустам" ва дарҳол ба қароре омадам, ки ҷойи ман инҷост". Баъди ин ба масҷид тез-тез меомадагӣ шудам. Ман низ мехостам рӯҳи худро ором кунам, қалби худро таскин бахшам. Ва дар яке аз чунин рӯзҳо ман калима арз кардам ва исломро ба ҷон пазируфтам.

### "ИНСОН АЗ ОН БАДБАХТ АСТ, КИ АЗ ХУДОВАНД ДУР МОНДААСТ..."

Ислом дини накукорист. Ман онро қалбан эҳсос мекунам. Аз як масҷиди кӯчак даре ба олами дигар ба рӯям боз шуд. Ин ба монанди хобе буд, ки эҳсос намудам, рӯҳи ман ба хонаи аслии хештан баргаштааст.

Маро ҳар вақт бо як муҳаббати беандоза пешвоз мегирифтанд. Ин як муҳаббати ҳамсон бо муҳаббат ба замин аст, ки гулҳои ботароват ва хушрангу бӯро ба дунё меоварад. Ин як эҳсоси волоест, ки наметавон онро пурра бо сухан ифода намуд.

Дар олами муосир фоҷеаи бузурги инсон ин танҳоии ӯст. Инсон аз он рӯ бадбахт аст, ки аз Худованд дур мондааст.

Ҳиссиёти онрӯзаи худро дар масҷид басо рӯшану возеҳ дар хотир дорам. Ин бидуни шакку шубҳа як тасаввуроти басо назаррабо ва дилкаше буду ҳаст. Баъди он изтироби қалбӣ фурӯ нишаст. Ман маҳз дар он ҷо дарк кардам, ки бахше аз ин олами ягонаам.

**P.S. Робия Кристин Бродбек ҳоло муқими Истамбул аст ва дар ин шаҳр дарси мусиқӣ ва рақс дорад. Аз замоне, ки по ба арсаи Ислом гузошт, даҳҳо китоб аз мусиқӣ ва зиндагонии худ дар гузаштаву имрӯз интишор додааст. Охирин китоби ӯ, ки бештар зиндагиномаи раққосаи шӯҳратёри собиқ мебошад, дар нашриёти "Tughra Books", Стамбул ба чоп расидааст. "Ман ба шогирдони худ нақл мекунам, ки чӣ гуна метавон бо кӯмаки рақс саломатии ҷисм ва рӯҳро нигоҳ дошт",- менависад ӯ.**

*Таҳияи Ш. Муҳаммадиқбол*

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

Курбон Саид,
"Фарғона. ру"

**Моҳи ноябри соли 2009 лидери ҷунбиши "Бирдамлик" Баҳодур Чориев қарор кард ба ватанаш Ўзбекистон баргардад ва таври қонунӣ бо фаъолияти сиёсӣ машғул шуда, анҷумани ҷунбишро доир намояд. Вале намояндагони мақомоти қудратии кишвар ӯро иҷозаи берун шудан аз зодгоҳаш вилояти Қашқадарё надода, дар охир аз мамлакат ронданд. Пас аз бозгашт ба ИМА, ки вай дар он ҷой мақоми гурезаи сиёсиро дорад, ба хабарнигори "Фарғона. ру" аз таассуроти сафараш нақл кард.**

# АЗ ВАТАН РОНДА ШУДАНИ ЯК МУХОЛИФИ ЎЗБЕК

***- Ҳадафҳои шумо аз ин сафар чӣ буд?***

- Ман қариб панҷ сол дар ватан набудам. Лекин ман ва аҳли оилаам, ки дур аз ватан зиндагӣ мекунанд, ҳама вақт дар ёди Ўзбекистон будем ва ҳастем. Хоҳиши ширкат дар рушду ободонии ватан лаҳзае ҳам маро тарк накардааст.

Аз рӯзи аввали таъсиси "Бирдамлик" мо талош меварзидем, ки фаъолияти қонунӣ дошта бошем. Лекин мутаассифона ҷунбиши моро дар Ўзбекистон ба қайд нагирифтанд. Дар хориҷа бошад, ба ҳар кучое, ки муроҷиат кардем, мо ин иҷозатро гирифтем. "Бирдамлик" дар Шветсия, Норвегия, иёлати Миссурии ИМА расман ба қайд гирифта шудааст. Мо тасмим гирифтем, ки интихоботи парлумонии моҳи декабри Ўзбекистонро барои густариши фаъолиятамон дар ватан истифода барем, анҷумани ҷунбишамонро баргузор намоем ва онро расман қайд карда, аз пинҳонкорӣ берун оем. Ба фикри мо, вақти фаъолияти ошкорои сиёсӣ дар ватан фаро расидааст.

> *Ман пеши онҳое, ки бар тарс ғолиб шуда, ба анҷуман омаданд, сари таъзим фуруд меорам.*

Мо умедвор будем, ки ҳукуматдорон нисбати мо чораҳои сахт намеандешанд, зеро имрӯз Ўзбекистон зери таваҷҷӯҳи махсуси нозирону созмонҳои байналмилалӣ қарор дорад. Вале моҳи ноябри соли 2009 чун ҳардафъаина кӯшишҳои мо барои доир кардани анҷумани ҷунбиш барбод рафтанд.

***- Лаҳзаҳои аввалини бозгашти шумо ба Ватан чӣ гуна буданд? Шуморо чӣ хел пешвоз гирифтанд?***

- Вақте ки соати 5-и субҳи 16-уми октябр аз ҳавопаймо фуруд омадам ва зери пойҳоям хоки ватанро ҳис намудам, ба андозае хушбахт будам, ки тасвир карданаш душвор аст. Вале дақиқаҳои нахустин маро зуд ба воқеият баргардонданд: ҳангоми гузаштан аз тафтиши шиносномаю гумрук ман мушоҳида кардам, ки агар шиносе надошта бошӣ, пул додан нахоҳӣ (ва ё натавонӣ), лозим меояд, ки муддати дароз интизорӣ кашӣ. Хориҷиҳое, ки дар навбат меистоданд, аз дидани ин манзара ангушти ҳайрат мегазиданд, зеро дар ягон кишвари мутамаддин чунин аҳвол ба мушоҳида намерасад.

> *Ронанда Акбари Диёр маро ба манзиламон бурда, сипас ба хонааш баргашт. Ӯро дар он ҷой аллакай кормандони ҳифзи ҳуқуқ интизор буданд...*

Маълум буд, ки маро интизоранд: вақте ки шиносномаамро ба марзбон пешниҳод кардам, вай ва дигар ходимони хадамоти марзбонии ба ӯ ҳамроҳшуда маро ба ҳуҷрае даъват карданд ва гуфтанд, ки дар ҳуҷҷати ман қайди аз Ўзбекистон хориҷ шудан вуҷуд надорад ва ҳамин тариқ ман режими сарҳадиро вайрон кардам. Онҳо шиносномаи маро гирифта, ба ҷояш маълумотнома - протоколи мусодираи муваққатии ҳуҷҷатро доданд.

Ходимони гумрук чизу чораи ман: ноутбук, флэш-корт, фотоаппарат ва ғайраҳоро бодиққат тафтиш намуданд. Онҳоро барои тафтиши минбаъда мусодира намуданд. Навбат ба футболка ва кулоҳҳо бо навиштаҷоти "Birdamlik Movement" ("Ҷунбиши "Бирдамлик") расид, ки барои тӯҳфа ба вакилони анҷуман оварда будам. Онҳоро ҳам бо баҳонаи пур кардани ҳуҷҷати иҷозати гумрукӣ ва пардохти боҷ мусодира карданд.



Тақрибан соатҳои ҳашти субҳ ходимони хадамоти марзбонию гумрук маро ба мошине савор карда, ба шӯъбаи милитсияи нақлиёт, ки аз фурудгоҳ он қадар дур набуд, бурданд ва "ба даст"-и муфаттиш, лейтенанти калон Б.М.Мамаюсупов супориданд. Вай маро то соати 17.00 истинтоқ кард. Мамаюсупов эълом дошт, ки алайҳи ман парвандаи ҷиноӣ боз шудааст ва маҷбур намуд, ки барои аз вилояти Қашқадарёи Ўзбекистон (зодгоҳам) берун нарафтан забонхат диҳам.

Маро маҷбуран ба хонаи кӯҳнаамон, ки дар ноҳияи Қамашии вилоят воқеъ буд, оварданд. Дар ҳамин ҷой ба ман муяссар шуд, ки бо баъзе аз хешу таборон мулоқот намоям. Тамоми ин муддат ҳар одаме, ки ба хонаи мо меомад, зери назорати одамони барои аҳли оилаи мо ношинос қарор мегирифт.

Баъди як ҳафта ман ба сайри вилоят баромадам, вале ҳис кардам, ки касе маро доимо назорат мекунад.

***- Парвандаи ҷиноии нисбати шумо бозшуда чӣ шуд? Муфаттиш шуморо ягон бор даъват кард?***

- Бале, муфаттиш Мамаюсупов аввалҳои моҳи ноябр маро ба Тошканд даъват кард. Баъди истинтоқи навбатӣ назорати маро қатъ намуданд, ки ман хеле дар ҳайрат шудам, вале аз ин фурсат истифода бурдам: мо панҷ нафар аъзои раёсати ҷунбиш дар хонаи Дилором Исхоқова вохӯрдем ва қарор кардем, ки анҷуман 24-уми ноябр баргузор мешавад.

Рӯзи дигар мо бо Дилором Исхоқова ва писари ӯ бо мошин озими Фарғона шудем, то бо ҷонибдоронамон вохӯрда, ба онҳо кӯмаки моддӣ расонем ва ҳамчунин хабари баргузории анҷуманро расонем.

***- Дар бораи ҳамин сафар муфассалтар нақл кунед...***

- Мушкилоти мо аллакай пеш аз расидан ба Фарғона, дар ағбаи Камчик сар шуд. Дар он ҷой тафтиши шиноснома вақти зиёдро гирифт. Аз сабаби он, ки ман ба ҷои шиноснома маълумотнома доштам, марзбонҳо маро хеле зиёд нигоҳ доштанд.

Вақт ҳам дер шуда буд, мо қарор кардем, ки шабро дар меҳмонсаройи "Фарғона" рӯз карда, баъд ба назди роҳбари шӯъбаи вилоятии "Бирдамлик" Аҳад Набиев ташриф меорем. Мутаассифона ҳангоми омадани мо вай дар хонааш набудааст: кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ӯро маҷбуран аз хонааш берун оварда, ба самти номаълум бурдаанд. Мо ба меҳмонсаройи "Фарғона", ки дар он ҷой Дилором Исхоқова ва писараш зиндагӣ мекарданд, баргаштем. Аз сабаби он, ки ман шиноснома надоштам, маро дар меҳмонхона ҷой надоданд. Ҳамон шаб маҷбур шудам дар хонаи додари Аҳад Набиев бихобам.

***- Рӯзи дигар бо ӯ вохӯрдан муяссар шуд. Фаҳмидед, ки бо ӯ чӣ ҳодиса рух додааст?***

- Баъдтар Аҳад-ака нақл кард, ки пеш аз омадани мо ӯро ба ҳукумати вилоят даъват кардаанд ва то он вақте ки мо дар хонаи ӯ будем, ҳамон ҷой нигоҳ доштаанд ва баъди ба меҳмонхона баргаштани мо ӯро ба хонааш оварданд. Мо хостем, ки субҳи рӯзи дигар ба дидорбинии ӯ равем, вале оилааш хабар дод, ки ӯро боз кормандони хадамоти амнияти миллӣ бурдаанд. Баъдан Аҳад-ака нақл кард, ки алайҳи ӯ парвандаи ҷиноӣ боз кардаанд ва талаб намудаанд, ки аз сафҳои "Бирдамлик" хориҷ гардад, вале ӯ рад кардааст. Барои ҳамин дергоҳ ӯро ба хонааш ҷавоб надодаанд ва таҳдидаш кардаанд.

Баъд мо ба сӯи Андиҷон равон шудем, то бо роҳбари шӯъбаи вилоятии ҷунбиш мулоқот намоем.

***- Дар он ҷой ҳам вохӯрӣ муяссар нашуд?***

- Мутаассифона телефони ӯ хомӯш карда шуда буд. Мо ӯро на дар хонааш

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

пайдо кардем, на дар ҷойи кораш. Баъд фаҳмидем, ки ӯро боздошт намуда, ба Қирғизистон бурдаанд. Баъд мо маслиҳат кардем, ки бо ҳомии ҳуқуқ Саидҷаҳон Зайнобиддинов мулоқот менамоем. Вале вохӯрӣ баргузор нашуд - Саидҷон-ако боздошт шудааст. Мо тавонистем бо писари ӯ мулоқот кунем.

Баъд ба Намангон рафтем. Дар он ҷой ҳам бо сабабҳои маълум бо ягон кас вохӯрда натавонистем. Роҳбари шӯъбаи ин вилоятро ҳам милисаҳо дошта бурдаанд.

Ҳамин тариқ бо ҳеҷ кас мулоқот накарда, ба Тошканд баргаштем ва сипас бо мақсади вохӯрӣ бо ҷонибдорон ба вилоятҳои ғарбии Ӯзбекистон раҳсипор шудем, вале дар ин ҷой бо назорату таъқиби сахт рӯ ба рӯ шудем.

*- Оё бо ягон кас вохӯрдан муяссаратон гардид?*

- Ба ҳамаи онҳое, ки мулоқот кардан мехостем, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ монеаҳо эҷод карда буданд: роҳбари шӯъбаи вилояти Сирдарёро ба додситонии вилоят бурда, маҷбуран нигоҳ доштаанд. Роҳбари шӯъбаи вилояти Ҷиззах ҳабси хонагӣ шуда буд ва ҳуқуқи ба ҷое рафтан надошт. Дар Ҷиззах ба мо муяссар шуд, ки бо Бахтиёр Ҳамроев ва Мамир Азимов мулоқоти кӯтоҳ дошта бошем. Лекин баъди рафтани мо кормандони ҳифзи ҳуқуқ онҳоро лату кӯб кардаанд.

**Дар Ҷиззах бо Бахтиёр Ҳамроев ва Мамир Азимов мулоқоти кӯтоҳ доштем. Лекин баъди рафтани мо кормандони ҳифзи ҳуқуқ онҳоро лату кӯб кардаанд...**

Аз сабаби монеаҳои кормандони БДА ва постҳои тафтишотии роҳи Ҷиззах - Самарқанд мо ба шаҳр хеле дер расидем. Дилором Исҳоқовaро ба Тошканд равон карда, мо бо ронанда Акбари Диёр ба Шаҳрисабз равон шудем. Ӯ маро ба манзиламон бурда, сипас ба хонаaш баргашт. Ӯро дар он ҷой аллакай кормандони ҳифзи ҳуқуқ интизор буданд. Аз ӯ талаб карданд, ки дигар бо ман ва "Бирдамлик" иртиботе надошта бошад, вагарна амнияти оилаи ӯро касе кафолат намедиҳад… Ҳамин тариқ мо бе мошин мондем.

Сипас ба анҷуман омодагӣ гирифтем. Ба аъзо ва ҷонибдорони ҷунбиш номаҳои электронӣ равон кардем, дар сомонаи расмиамон эълон овехтем.

- Шумо хабар додед, ки вакилони анҷуманро ҳам дар баромадгоҳҳои шаҳрҳо ва ҳам дар даромадгоҳи Шаҳрисабз ҳанӯз пеш аз оғози ҷорабинӣ муҳосира кардаанд. Наход ягон кас барои ширкат дар анҷуман ба Қашқадарё омада натавониста бошад?

- Ягон одаме, ки берун аз ҳудудҳои Қашқадарё қарор дошт, аз постгоҳҳо гузашта натавонистааст. Зиёда аз ин фаъолони ҷунбиши моро ба шӯъбаҳои милитсия даъват кардаанд ва бо баҳонаҳои гуногун нагузоштаанд, ки ҷойҳои кориашонро тарк намоянд. Масалан, роҳбарони шӯъбаҳои вилоятии Бухоро ва Навоӣ ба анҷуман омада натавонистанд.

Барои он ки фаъолони мо дар анҷумани ҷунбиш иштирок карда натавонанд, ҳатто нисбати чанде аз онҳо парвандаи ҷиноӣ боз кардаанд. Масалан, алайҳи роҳбарони шӯъбаҳои вилоятии Сурхандарёю Фарғона Фахриддин Тиллоев ва Аҳад Набиев.

Кӯшиш карданд, ки маро ҳам бо баҳонаи пас гирифтани футболкаҳо ва кулоҳҳо бо навиштаҷоти "Ҷунбиши "Бирдамлик" дар рӯзи анҷуман ба Тошканд даъват кунанд. Албатта, ман нарафтам.

Бо вуҷуди фишорҳои ҳамтарафа, бо вуҷуди менталитети шарқиаш, ки намегузорад кас алайҳи аз худаш калонсол ва ё роҳбар равад, халқи Ӯзбекистион бовар дорад, ки тақдираш дар дасти худи ӯст ва ӯ метавонад ба муқобили ноадолатиҳо равад. Ғояи мо - муқовимат бе зӯроварӣ ва муколамаи маданӣ ба режими кунунӣ таваҷҷӯҳи мардуми маҳаллиро ба худ ҷалб кардааст. Бовар кунед, бо вуҷуди душвориҳо дар кори анҷуман тақрибан 60-65 кас иштирок карданд.

*- Шумо анҷуманро номукаммал номидед, хостед бо вакилоне, ки ба ҷорабинӣ омада натавонистанд, телеконфронс доир намоед. Оё ин муяссаратон шуд?*

- Ба мо муяссар шуд, ки бо ҷонибдорони ҷунбиш тамос бигирем, дар бораи натиҷаҳои анҷуман фикрҳоямонро раду бадал кунем. Акнун бояд дар вилоятҳо конфронсҳо ва вохӯриҳои аъзои ҷунбиш баргузор шаванд, ки дар онҳо пешниҳодҳои мо баррасӣ мегарданд. Ва ақидаҳои аъзои "Бирдамлик" ҳангоми таҳияи стратегияи минбаъдаи мо ба назар гирифта хоҳанд шуд.

Бо вуҷуди он ки анҷумани мо бо камбудиҳои зиёд баргузор шуд, мо ба режим нишон дода тавонистем, ки на ҳамаи шаҳрвандон ба афсонаҳои бофтаи ВАО-и расмӣ бовар мекунанд. Анҷумани моро метавон нахустин анҷумани бомуваффақияти мухолифин дар муҳити эҷодкардаи режими диктатории Ӯзбекистон номид.

*- Бо онҳое, ки дари кори анҷуман иштирок доштанд, ягон ҳодиса рӯй надодаст? Ягон касро ҳабс ва ё таҳдид накардаанд?*

- Одамоне, ки ба анҷуман омада буданд, хеле хуб медонистанд, ки дар оянда бароишон мушкилиҳо пеш меояд. Бисёриҳоро дар хонаҳояшон, дар ҷойҳои кориашон ба "сӯҳбат" даъват карда, талаб намудаанд, ки баёнот нависанд ва гӯянд, ки дар анҷуман чиҳо гуфтанд. Мехостанд дар амалу суханрониҳои мо ягон ҷонояте пайдо кунанду ба ҷавобгарӣ кашанд. Вале мо ягон амали ғайриқонунӣ накардему сухани ғайриқонунӣ нагуфтем. Барои ҳокимият хеле душвор хоҳад буд муттаҳам кардани мо дар фаъолияти зиддиконститутсионӣ. Лекин ба одамҳои тарсхӯрда мафҳумҳое ба мисоли "хоини ватан" ё "ҳамкорӣ бо террористҳо" хеле сахт таъсир мекунад. Аз ин рӯ ман пеши онҳое, ки бар тарс ғолиб омада, ба худ ва имконниятҳояшон боварӣ ҳосил карда, ба анҷуман омаданд, сари таъзим фуруд меорам.

Баъди анҷуман ба аъзои оила ва хешовандони ман фишор хеле зиёд гардид. Пеш аз Соли Нав ба шавҳари хоҳари хурдии ман Нормуҳаммад Нурхонов ҳамла карданд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фориғболанд ва ҷинояткорон бошанд озодона сайругашт мекунанд. Мумкин бо сӯиқасд ба ҷони хеши ман режими диктаторӣ мехост бетаҳаммулии худро ба ҳамаи онҳое, ки аз сохти имрӯзаи Ӯзбекистон норозиянд, нишон диҳад.

*- Зидди худи шумо чӣ ҷора диданд ва рӯзи депортатсияи шумо чӣ ҳодиса рӯй дод?*

- Баъди анҷуман бо баҳонаҳои гуногун маро якчанд маротиба ба Тошканд даъват карданд ва аз ҳамин сабаб ман вақти зиёдамро талаф додам. Дар арафаи Рӯзи Саркорун, 8-уми декабр маро боз ба пойтахт даъват карданд ва тамоми рӯз нигоҳ доштанд. Аз соати 10.30-и субҳ то пешини 10-уми декабр маро кормандони Кумитаи гумрук истинтоқ карданд ва баъди хӯроки чошт муфаттиши милитсия истинтоқ кард ва бегоҳӣ изҳор намуд, ки бо хубӣ Ӯзбекистонро тарк кунам, вагарна бо зӯрӣ пеш мекунанд. Ман фикр кардам ва ба хулоса омадам, ки рафтанам беҳтар аст, то нисбати ман ва ҷонибдоронам дасисае эҷод накунанд. Зеро мақсади асосии ман аз сафар ба Ӯзбекистон баргузор кардани анҷумани ҷунбиш буд ва ин мақсад амалӣ гардид. Худи ҳамон рӯз ман ба ИМА парвоз кардам.

# БАХТИЁР ДОМОДИ МЕДВЕДЕВ ШУДАН МЕХОҲАД

Михаил Мельников, "Msn. Com"

**Ба ақидаи гастарбайтери маскавӣ домоди раисҷумҳур шудан кори он қадар душвор нест: Танҳо лозим аст, ки ба назди Дмитрий Медведев равӣ ва аз ӯ хоҳиш кунӣ, ки духтарашро ба ту диҳад. Мухимаш он, ки то ба назди ӯ расидан ба девонахонаат набаранд.**

Рӯзи 20-уми январ дар назди Кремл ҳодисаи аҷибе рух дод. Тақрибан соати 17.30 дар назди дарвозаи Спасскии Кремл дастаи милитсия марди қиёфааш қафқозиро боздошт кард: маълум аст, ки ҳамин гурӯҳи аҳолӣ таваҷҷӯҳи бештари кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба худ ҷалб мекунад. Ба қавли милисаҳо, мардаки қафқозӣ дар тан сарулибоси хуб дошт ва хеле хоксору хушмуомила ба назар мерасид. Мумкин маҳз ҳамин чиз боиси шубҳаи онҳо шудааст.

## ДОМОД БАРОИ РАИСҶУМҲУР

Боздоштшуда гарданшахӣ накард ва рӯирост гуфт, ки зодаи Доғистон асту номаш Бахтиёр. Ба сӯи Кремл мешитобад, зеро бо раисҷумҳури Русия Дмитрий Медведев гуфтугӯи муҳим дорад.

Баъди пурсиши боисрор ҳомиёни тартибот маълум карданд, ки мулоқотро бо президент шахсан худи Бахтиёр таъин кардааст ва ҳоло ҳамсӯҳбати ӯ аз ин хабар надорад. Мавзӯи гуфтушуниди онҳо хостгорӣ аст: доғистонӣ аз Медведев хоҳиш карданист, ки духтарашро ба ӯ бидиҳад…

Ин сюжети нав нест: дар бисёр афсонаҳо Ивани соддалавҳ духтари шоҳро ба занӣ мегирад ва баробари ин соҳиби ними мамлакат мешавад. Ними Русия албатта аз ҳад зиёд аст, вале домоди раисҷумҳури Русия на кам аз раисҷумҳури нави Доғистон метавонад ба роҳбарӣ дар ҷумҳуриаш даъво кунад. Лекин мушкилие ҳаст: Медведев духтар надорад. Ҳатто бисёр кӯшиш кунад ҳам, аз 19 сол пештар падарарӯс шуда наметавонад. Лекин месазад, ки барои чунин домод кӯшиш намоӣ. "Московский комсомолец" маълум кардааст, ки Бахтиёр 35-сола аст, дар Маскав ҳамагӣ ду сол боз иқомат дорад ва ба ҳайси оператори крани борбардор кор мекунад. Вале бӯҳрон сохтмонҳои пойтахтро мутаваққиф сохт ва аз ҳамин сабаб меҳмони пойтахтро аҳволаш танг шудааст. Ба фикри милисаҳо хонадоршавӣ бо духтари раисҷумҳур метавонист вазъияти молиявии Бахтиёрро беҳбуд бахшад.

Баъди чунин як сӯҳбат ҳисси инсондӯстии милисаҳо баланд шуд ва хостанд саломатии ӯро бисанҷанд. Бо ҳамин мақсад Бахтиёрро ба шифохонаи беморихои рӯҳӣ бурданд. Вале маълум нест, ки дар кадом асос: дар чунин ҳолатҳо тафтиши маҷбурӣ танҳо бо иҷозати додгоҳ мумкин аст ва ризоияти довталабонро аксар вақт бо усулҳои хос ба даст меоранд. Аз эҳтимол дур нест, ки ҳомиёни тартибот ҷалб намудани таваҷҷӯҳи раисҷумҳурро ба ин саргузашти доғистонӣ дар Маскав аз манфиат холӣ надонистаанд. Баробари ин Бахтиёр ҳеҷ гуна қонунро вайрон накардааст: дар гумон аст, ки сайругашт дар назди дарвозаи Спаскии Кремл қонунвайронкунӣ бошад.

## АРӮСҲО БАРОИ ГАСТАРБАЙТЕР

Ба ҳар ҳол хуб намешавад, агар ба Бахтиёр хабар надиҳем, ки раисҷумҳури собиқ ва эҳтимол оянда Путин ду духтар дорад. Мумкин нодуруст фаҳмад. Беҳтараш ӯро бо рӯйхати арӯсҳои аз ҳама ҳасадангез хурсанд мекунем. Бино ба фарзияи маҷаллаи "Tatler", дар мақоми аввали ин рӯйхат Ксения Собчак қарор дорад. Зиёда аз ин вай ба қафқозиҳо ҳусни таваҷҷӯҳ дорад. Лекин, ба ақидаи коршиносон, "Хонум Собчак ҷавонҳои чақчақӣ ва дар хориҷа зиндагӣ кардаро хуш дорад", ҳол он ки Доғистон кишвари хориҷӣ нест ва ба ҳайъати Русия дохил мешавад. Дар мақоми дуюми рӯйхат шахси хеле мувофиққаҳрамони бозиҳои олимпӣ дар риштаи гимнастикаи бадеӣ, вакили Думаи давлатӣ, теленаттоқи "Рен-ТВ" Алина Кабаева ҷойгир аст. Бояд гуфт, ки вай ҳам бо раисҷумҳур ва ҳам махсусан бо сарвазир ошноӣ дорад. Аз ин рӯ ӯ метавонад талаботи ситамдидаи назди Кремлро пурра қонеъ гардонад.

Мақоми сеюмро Надежда Никитична Михалкова, духтари падари худ ишғол мекунад. Вай ҳатман барои шавҳари худ ба дарбор роҳ мекушояд.

Чаҳорумин арӯси ҷаззоби Русия Анастасия Виргинская ба ҳисоб меравад, ки ӯ дӯсти шахсии хонадони шоҳони Испания ва Урдун мебошад. Ҳамчунин Настя набераи Михаил Горбачёв аст, ки ин ҳам аҳамияти калон дорад.

Ва ниҳоят номзади панҷум барои Бахтиёр пирдухтар Алёна Ахмадулина мебошад. Вай нисбат ба ҳамаи духтарҳои дар боло номбаршуда калонсолтар аст ва зиндагиро хеле хуб мефаҳмад ва аз ҳамин сабаб метавонад арӯси арзандаи гастарбайтери доғистонӣ шавад.

Алҳол хонаводаи раисҷумҳурро ором мегузорем. Кастинги духтарҳо барои вориси раисҷумҳур баъди 5-7 сол баргузор мешавад, на барвақттар. Умед бар он мебандем, ки рӯйхати арӯсҳои ҳасадбарангез то он вақт каме тағйир меёбад.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

"le Monde"



# ОЁ БА ЧИН "КАСАЛИИ ШӮРАВӢ" ТАҲДИД МЕКУНАД?

**Намоишгоҳи умумиҷаҳонии Шанхай, ки баргузориаш моҳи майи соли 2010 дар назар аст, бояд ба қуллаи баланди маъракаи беҳтар кардани имиҷи Чин дар арсаи байналмилалӣ ва шӯҳратёр кардани дастовардҳои кишвар табдил ёбад. Дар иртибот бо ҳамин хотиррасон кардан бамаврид аст, ки ним аср пеш барои Иттиҳоди Шӯравӣ низ чунин як давраи музаффариятҳо оғоз гардида буд, менависад "le Monde".**

Соли 1959 Хрушёв ваъда кард, ки солҳои наздик кишвараш аз амрикоиҳо пеш мегузарад. Баъд маъракаи васеи таблиғотӣ шурӯъ гардид. Кремл ҳатто шӯъбаи махсусе ташкил дод, ки вазифааш ба Ғарб пешниҳод намудани омор дар бораи тасдиқи бартарии истеҳсолоти тарзи сотсиалистӣ буд, идома медиҳад таърихшинос Терри Волтан. Ба қавли ӯ баъди хондани рӯзномаҳои ғарбии ҳамонвақта, ки бовар доштанд, Иттиҳоди Шӯравӣ абарқудрати бузурги охири садаи XX мешавад, "танҳо метавон аз нерӯи эътиқоди Маскав ба ваҷд омад ва аз соддалавҳии ҳайратангези Ғарб тааҷҷуб кард". Дар натиҷа Кремл ба таблиғоти худ ва иқтидораш боварӣ кард. Солҳои 1960-1970 лагери сотсиалистӣ дар арсаи байналмилалӣ ҷаҳиши калоне кард, ки дар партави бӯҳрони иқтисодии Ғарб хеле таъсирбахш ба назар мерасид. Таҷовузи шӯравӣ ба Афғонистон дар соли 1979 ба ин намоиши мутантани музаффарона хотима бахшид.

"Лекин "чиномания"-и имрӯза хеле пурзӯртар аст аз "советомания"-и пештара,- идома медиҳад Волтан.- Вай солҳои охир туфайли ҳамон механизмҳое, ки асоси иртифои ИҶШС буданд, тезутунд шудааст: ин муваффақиятҳои ҳайратангези иқтисодӣ, ки бо кӯмаки омори фораму гӯшнавоз пешниҳод шудаанд; ҷаззобии фарҳангу тарзи аҷоиби зиндагӣ барои Ғарб; мустаҳкамшавӣ дар арсаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби кишварҳои калон ба хотири адолат дастгирӣ шудааст, мебошанд. Ҳоло пешгӯӣ кардани он, ки Чин дар миёнаҳои аср ба лидери ҷаҳонӣ табдил меёбад, як одати муқаррарӣ шудааст. Аз сабаби он ки олами Ғарб ба балои бӯҳрон гирифтор шудааст, ин боварӣ пурзӯртар ба назар мерасад".

Муаллифи мақола ба он таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, ки ИҶШС ва Чини коммунистӣ қисми зиёди қарни XX бо роҳҳои ба ҳам монанд қадам задаанд ва ҳатто вақте, ки роҳҳояшон аз ҳам ҷудо шуд, сиёсати якхеларо идома додаанд, ки илҳомбахшаш ҳамон як идеология буд. "Талошҳои Мао дар хуношомӣ камтар аз талошҳои Сталин набуданд. Дэн Сяопин бо баъзе ҳаракатҳояш Хрушёвро ба хотир меовард ва маъракае, ки Чин солҳои 1990 барои беҳтар кардани имиҷи худ роҳандозӣ кард, монандие дошт ба амалҳои ИҶШС дар солҳои 1960-1970",- қайд кардааст Волтан. "Ҳарчанд муқоиса ҳоло исботи он нест, системаҳои ба ҳам монанд метавонанд роҳҳои ба ҳам монанди рафтори сиёсиро ба вуҷуд оранд",- менависад муаллифи мақола. "Ҳар қадаре ,ки Ҳизби коммунистии Чинро "нахустин ҳизби ленинӣ-дарвинӣ" нагӯем, вай хоҳ-нохоҳ ҳамчун ҳизби тоталитарӣ боқӣ мемонад, боварӣ дорад ӯ.

"Чин ҳам ба мисли Иттиҳоди Шӯравӣ дар идоракунии ҷаҳон саҳми худро мехоҳад, ки арзандаи муваффақиятҳои иқтисодии ӯ бошад",- қайд мекунад Волтон. Агар ҷиҳати коммунистии Чинро сарфи назар кунем, параллелҳо бе маънӣ ба назар мерасанд. Лекин роҳбарии ин кишварро як ҳизб бар ӯҳда дорад, ки сарваронаш таълими якхела гирифтаанд ва ин ҳизб иқтисодиёт ва тақсимоти самари онро зери назорати худ гирифтааст. "Дар чунин режим чизи асосӣ ҳокимият аст, ки ҳама чизро ҳал мекунад,- менависад муаллиф.

Аз ин рӯ бамаврид аст саволе, ки оё ба Чин "касалии шӯравӣ", ба роҳбарони он ҳамон иллатҳое, ки боиси шикасти ИҶШС шуда буданд, таҳдид мекунад ё на, қайд кардааст нашрия.

Дар натиҷаи бозии байни коммунистҳои чиноӣ, ки ба омори худ дар бораи муваффақиятҳои режим бовару эътиқоди сахт доранд ва лидерҳои ғарбӣ, ки аз мувозинаи тиҷоративу дефиситҳояшон дар ташвишанд, Пекин камбудиҳояшро, ки хоси ҳар як системаи сотсиалистӣ аст, фаромӯш мекунад. Дар чунин як ҳолати беҳудӣ мумкин аст, ки Чин аз ҳад гузаронад, чи хеле ки як вақтҳо Иттиҳоди Шӯравӣ чунин карда буд, ҳушдор медиҳад дар хотима муаллифи мақола.



# Моника Левински: "КЛИНТОН ДУРӮҒ ГУФТА БУД"

"Ino Pressa"

**Моҳи ҷорӣ дар дӯконҳои китобфурӯшӣ китоби нави ҳуқуқшинос Кен Гормли "Марги накӯкории амрикоӣ" пайдо хоҳад шуд, ки дар он таърихи "Сексгейт" муфассал барқарор карда мешавад, навиштааст Мауритсио Молинари дар рӯзномаи "La Stampa".**

Гормли, ки дар донишгоҳи шаҳри Дюкени Пенсилвания аз ҳуқуқшиносӣ дарс медиҳад, дар байни донишҷӯён хеле маъруф аст: онҳо бо шавқи тамом дар лексияҳои ӯ иштирок мекунанд, зеро вай дар дарсҳояш сенарияҳои мурофиаҳои гуногуни додгоҳиро, ки дар таърихи ИМА нақши худро гузоштаанд, барқарор менамояд. Инак, баъди чанде китоби навбатии ӯ, ки ба "Сексгейт" бахшида шудааст, аз чоп мебарояд. Қаҳрамонҳои ин ҳодиса раисҷумҳури собиқи ИМА Билл Клинтон ва духтари 22-сола Моника Левински мебошанд. Муаллиф муракқабиҳои ҳодисаи ҳангомадорро, ки қариб бо импичменти раисҷумҳур анҷом ёфта буд, муфассал мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Инак, менависад муаллифи мақола, дар китоб маводҳои се мусоҳиба бо Моника, чаҳор мусоҳиба бо раисҷумҳури собиқ Клинтон ва ҳашт мусоҳиба бо додситон Кеннет Стар истифода шудаанд. Китоб пеш аз ҳама ба шарофати Моника Левински рӯи чопро хоҳад дид. Вай ҳомӯшии тӯлониро қатъ намуда, дар бораи ишқварзии худ бо раисҷумҳур муфассал нақл кардааст.

Моника Клинтонро муттаҳам карда гуфт, ки вай ҳатто савганд хӯрда, "дар бораи муносибатҳои ошиқонаи мо ҳақиқатро нагуфт". Ба ибораи дигар, менависад муаллифи мақола, коромӯзи собиқ ишора бар он кард, ки Амрико воқеъияти муносибатҳои маҳрамона ва ошиқонаи байни ду қаҳрамони асосии ҷанҷолро нафаҳмид.

Китоб дар бораи ошиқу маъшуқаҳои дигар низ маълумот додааст. Аз ҷумла гуфта мешавад, ки Клинтон ҳангоми губернатор буданаш бо Сюзан Макдаул аз Арканзас ишқварзӣ мекардааст. Ин хонум дар ҳодисаи "Вайтвотер" яке аз қаҳрамонҳои асосӣ буд, вале ба хотири пинҳон доштани муносибатҳои ошиқонааш ба посухҳои додгоҳ ҷавоб надод ва 18 моҳи маҳбасро афзалтар донист.

Завҷаи Клинтон Ҳиллари бошад, бо шарикаш аз идораи адвокатҳо Вебстер Хаббел ишқварзӣ мекардааст. Додситони собиқ мехост хонуми рақами яки ҳамон вақтро ҳам барои пинҳон кардани муносибатҳои ошиқонааш муттаҳам намояд, вале дар охир тасмим гирифт, ки Ҳиллариро ором гузорад. Мауритсио Молинари қайд кардааст, ки дар китоби ҳуқуқшинос маводҳои сӯҳбат бо хонуми рақами яки собиқ ва китоби давлатии феълӣ вуҷуд надоранд: вай нахостааст ба саволҳои нависанда ҷавоб гӯяд.

Роберт Рей, ҷойгузини додситон Кеннет Стар, нақл кардааст, ки раисҷумҳурро аз гунаҳкоршавӣ мувофиқаи байни ду ҷониб, ки дар лаҳзаҳои охирин ҳосил шудааст, халос кардааст. Сарвари хадамоти амнияти Кохи сафед Люис Мерлетти нақл кард, ки Бюрои федералии тафтишот ба ӯ фишор оварда талаб кардааст, то баъзе далелҳоро барои фурӯ нишондани ҷанҷол пинҳон кунад, вале ходимони Кеннет Стар ӯро маҷбур намудаанд, ки ба муқобили Билл Клинтон баёнот диҳад.

Ба ақидаи муаллифи мақола, китоби ҳуқуқшинос Гормли хонандаро дар ҳолати ноқулай мегузорад: онҳо намедонанд, ки масъулияти "кушта шудани накӯкории Амрикоро" бар дӯши Клинтон гузоранд ё Кеннет. Лекин ҳоло ҳам раисҷумҳури собиқ, агар сухан дар бораи "Сексгейт" равад, мегӯяд, ки "тафтишот ҳамлаи тарҳрезишудае буд ба муқобили ман бо ғаразҳои шахсӣ" ва додситони собиқ ҳоло ҳам Клинтонро муттаҳам карда мегӯяд, ки вай хати моши "то охир дурӯғ гуфтан"-ро пеш гирифта буд, ба ҷои он ки гуноҳашро эътироф кунаду ҳақиқат ғалаба намояд.

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

## ÒÂÒ

**ДУШАНБЕ, 22 ФЕВРАЛ**

06.00 Гулчини Субҳ. 08.00 Тоҷикистон (такрор). 08.30 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги". 10.40 Гузориши варзишӣ. 12.00 Барномаи мустақими "Пайванд". 12.30 Ахбор (анг). 12.42 Давоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.00 Ахбор (арабӣ). 13.10 Анҷоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.20 Филми ҳунарии "Последний кордон". 14.50 Аз хазинаи ТВ. 15.00 Ахбор (хор). 15.10 Филми ҳунарии "Ситора". 17.30 Силуэт. 18.00 Ахбор (т). 18.15 Сарбози Ватан. 18.40 Пешорӯ. 19.00 Ахбор (рус). 19.15 Интихобот-2010. 20.00 Бе таҳрир. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Дар мавзӯи рӯз. 21.30 Гузориши варзишӣ. 22.00 Новости содружества. 22.15 Барномаи "Пайванд" (такрор).23.15 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги".

**СЕШАНБЕ, 23 ФЕВРАЛ**

06.00 Субҳ. 08.00 Ахбор (т). 08.15 Бе таҳрир (такрор). 08.35 Сарбози Ватан. 09.20 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги". 10.40 Варзиш. 12.00 Барномаи мустақими "Пайванд". 12.30 Ахбор (анг). 12.42 Давоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.00 Ахбор (арабӣ). 13.10 Анҷоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.20 Филми ҳунарии "Последний кордон". 14.10 Аз хазинаи ТВ. 15.00 Ахбор (хор). 15.10 Филми ҳунарии "Афсарҳо". 18.00 Ахбор (т). 18.15 Сипар (ВКД). 18.35 Навгонӣ. 18.50 Реклама. 19.00 Ахбор (р). 19.15 Тоҷикон. 19.25 Интихобот -2010. 20.00 Мадади Сино. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Давр. 21.35 Консерти Сарбозон. 22.00 Новости содружества. 22.15 Барномаи "Пайванд" (такрор). 23.15 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги".

**ЧОРШАНБЕ, 24 ФЕВРАЛ**

06.00 Субҳ. 08.00 Ахбор (т). 08.15 Тоҷикон. 08.25 Давр (такрор). 09.10 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги". 10.30 Гузориши варзишӣ. 12.00 Барномаи мустақими "Пайванд". 12.30 Ахбор (анг). 12.42 Давоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.00 Ахбор (арабӣ). 13.10 Анҷоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.20 Филми ҳунарии "Последний кордон". 14.10 Намоишномаи ТВ. 15.00 Ахбор. 15.10 Филми ҳунарии "Ҷаноби Бин". 18.00 Ахбор (т). 18.20 Кошона. 18.35 Гардиш. 19.00 Ахбор (р). 19.15 Интихобот - 2010. 20.00 Ҳадаф. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Иқтисод ва замон. 21.30 Шарҳи футбол. 22.00 Новости содружества. 22.15 Барномаи "Пайванд" (такрор). 23.15 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги".

**ПАНҶШАНБЕ, 25 ФЕВРАЛ**

06.00 Субҳ. 08.00 Ахбор (т). 08.15 Иқтисод ва замон (такрор). 08.35 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги". 10.45 Гузориши варзишӣ. 12.00 Барномаи мустақими "Пайванд". 12.30 Ахбор (анг). 12.42 Давоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.00 Ахбор (арабӣ). 13.10 Анҷоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.20 Филми ҳунарии "Последний кордон". 14.10 Намоишномаи ТВ. 15.00 Ахбор.15.10 Филми ҳунарии "Шаби тулонӣ". 18.00 Ахбор (т). 18.20 Роҳнамо. 18.35 Гардиш. 19.00 Ахбор (р). 19.15 Тоҷикон. 19.25 Интихобот-2010. 20.00 Очерки ТВ. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Донишнома. 21.35 Аз Пекин то Лондон. 22.10 Новости содружества. 22.25 Барномаи "Пайванд" (такрор). 23.25 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги".

**ҶУМЪА, 26 ФЕВРАЛ**

06.00 Субҳ. 08.00 Ахбор (т). 08.15 Тоҷикон. 08.25 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги". 12.00 Барномаи мустақими "Пайванд". 12.30 Ахбор (анг). 12.42 Давоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.00 Ахбор (арабӣ). 13.10 Анҷоми барномаи мустақими "Пайванд". 13.20 Филми ҳунарии "Последний кордон" (сериал). 14.10 Намоишномаи ТВ. 15.00 Ахбор (хор). 15.10 Филми ҳунарии "Мӯйсафедони ғоратгар". 17.20 Дийдор. 17.40 Гардиш. 18.00 Ахбор (т). 18.15 Пайкон. 18.35 Мову Шумо -шоу. 19.00 Ахбор (р). 19.15 Интихобот-2010. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Соҳибватан. 22.10 Фурӯғ. 22.30 Барномаи "Пайванд" (такрор). 23.30 Филми ҳунарии "Хозяйка тайги".

**ШАНБЕ, 27 ФЕВРАЛ**

06.00 Субҳ. 08.00 Ахбор (т). 08.15 Соҳибватан (такрор). 09.00 Филми ҳунарии "Паланг лозим аст". 12.00 Ахбор (уз). 12.20 Кошона. 12.40 Барномаи мусиқӣ. 13.40 Филми ҳунарӣ. 15.00 Намоишномаи ТВ. 16.00 Филми ҳунарии "Спецкор отдела расследования" (сериал). 18.00 Ахбор (т). 18.15 Аз таърихи футбол. 18.40 Лаҳзаи илҳом. 19.00 Панорама. 19.30 Интихобот-2010. 20.00 Шакарханд. 20.30 Ахбор (т). 21.00 Сарнавишт 21.30 Барномаи мусиқӣ. 22.00 Новости содружества. 22.20 Филми ҳунарии истеҳсоли Ҳиндустон.

**ЯКШАНБЕ, 28 ФЕВРАЛ**

06.00 Сафои меҳр. 07.00 Чамбули мастон. 07.40 Филми ҳунарии "Ман ба ӯ маъқулам". 09.15 Сарнавишт (такрор). 09.45 Пайраҳа. 10.00 Филми ҳунарии истеҳсоли Ҳиндустон. 13.00 Намоишномаи ТВ. 16.00 Филми ҳунарии "Спецкор отдела расследования" (сериал). 18.00 Ахбор (т). 18.20 Сайди маънӣ. 19.00 Набзи сайёра. 19.20 Интихобот-2010. 20.00 Маҳмили ҳунар. 20.30 Тоҷикистон. 21.00 Беғараз панд. 21.30 Барномаи мусиқӣ. 22.15 Филми ҳунарии "Ҷангалбон".

## «Ñàôèíà»

**ДУШАНБЕ, 22 ФЕВРАЛ**

Профилактика

**СЕШАНБЕ, 23 ФЕВРАЛ**

06.00 Парниён. 06.15, 08.15 «Файзи саҳар». 07.00 «Осор». 07.30 «Ҳунар». (Сандуқсозӣ). 08.00, 10.00 «NAVID». Барномаи иттилоотӣ. 09.1017.05 Ф/ҳ. «Ангуштарини фирӯзадор», қ. 1. 10.10 «Лев против тигра». Олами ҳайвонот. 11.10 Футбол. Чемпионат Италии. 13.00, 15.00, 20.00, 23.30 «Навид». Барномаи иттилоотӣ. 13.20 Ф/ҳ. «Водитель для веры». 15.20 «Меҳрпайванд». 16.00 «Гӯем, ё нагӯем?». 18.00, 22.00 «Новости». Барномаи иттилоотӣ. 18.20 «Ҷило». 19.00 «Алла». Бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ. 19.20 «Моҳи мунир». 20.30 «Эҷод». 21.30 «Оркестри комеравӣ». 22.20 Ф/ҳ «Духтари сеюм».

**ЧОРШАНБЕ, 24 ФЕВРАЛ**

06.00 Парниён. 06.10, 08.10 «Файзи саҳар». 07.00 «Як тарона». 07.30 «Агар гӯйи, ки битвонам...». (Бурёбофӣ). 08.00, 10.00 «NAVID» Барномаи иттилоотӣ. 09.10, 17.05 Ф/ҳ. «Ангуштарини фирӯзадор», қ. 2. 10.10 «Зловонный автомобиль». Филми мустанад. 11.10 Варзиш. Футбол. 13.00, 15.00, 20.00, 23.40 «Навид». Барномаи иттилоотӣ. 13.20 Ф/ҳ. «Дарди ишқ». 15.20 «Эҷод». 16.10 «Чарли Чаплин». 16.55 Андарзи Рӯдакӣ. 18.00, 22.00 «Новости». Барномаи иттилоотӣ. 18.20 Мо Тоҷиконем. 18.30 «Ҳудуд». 19.00 «Алла». 19.10 «Сафинаи сайҳун». 20.30 «Нози хаёл». 21.30 Шамими роз. 22.20 Ф/ҳ. «Налево от лифта».

**ПАНҶШАНБЕ, 25 ФЕВРАЛ**

06.00 Парниён. 06.15, 08.10 «Файзи саҳар». 07.00 «Шаҳди садо». (Нигина Раупова). 08.00 «NAVID». Барномаи иттилоотӣ. 09.10, 17.10 Ф/ҳ. «Ангуштарини фирӯзадор», қ. 3. 10.00 «NAVID». Барномаи иттилоотӣ. 10.15 «Горилла против леопарда». Олами ҳайвонот. 11.15 Футбол. Чемпионат Англии. 13.00, 15.00, 20.00, 00.00 «Навид». Барномаи иттилоотӣ. 13.20 Ф/ҳ. «Султони қалб». 15.40 «Ҳунари зардӯзӣ». 16.10 Ералаш. 16.40 «Мулоҳиза».18.00, 22.00 «Новости». Барномаи иттилоотӣ. 18.30 «Тоҷикон». 19.00 «Алла». 19.20 «Набз». Барономаи иттилоотии – таҳлилӣ. 20.30 «Шакл». 20.30 «Дурдонаҳои меҳр». Шашмақом барномаи мусиқӣ. 22.20 Ф/ҳ «Чудо на Сэйдж Крик».

**Ҷумъа, 26 феврал**

06.00 Парниён. 06.10, 08.15 «Файзи саҳар». 07.00 «Ситораи футбол». (Бекхэм). 07.30 «Навои сетор». 08.00, 10.00 «NAVID». Барномаи иттилоотӣ. 09.10 Ф/ҳ. «Ангуштарини фирӯзадор», қ. 4. 10.15 «История дизайна». Филми мустанад. 11.10 «Варзиш». 13.00, 15.00, 20.00, 00.50 «Навид». Барномаи иттилоотӣ. 13.20 Ф/ҳ. «Великолепной семерка». 15.20 «Мароми рӯзгор». 15.50 Ералаш. 16.10 Нурнома. 16.25 «Рангҳои зиндагӣ». 18.00, 22.00 «Новости». Барномаи иттилоотӣ. 18.20 «Муҳаррик». 19.00 «Алла». 19.15 «Завқ». 19.50 Панди рӯз. 20.30 «Золотая Стезя». 21.30 Шамими роз. 22.15 Ф/ҳ. «Близкий человек». (Ҳиндустон).

**ШАНБЕ, 27 ФЕВРАЛ**

06.00 Парниён. 06.10, 08.10 «Файзи саҳар». (Гулчин). 07.00 Бадахшон чатри симини замин аст. 07.20 Барномаи мусиқӣ. 08.00, 13.00 «NAVID». Барномаи иттилоотӣ. 09.00 Ф/ҳ. «Призрак чёрной борода». 10.40 «Филм-консерти тоҷикӣ». 11.10 Футбол. Чемпионат Англии. 13.10 Ф/ҳ «Шикасти афғонӣ». 16.00 Ералаш. 16.25 «Зловонный автомобиль». Филми ҳуҷҷатӣ. 17.20 «Мулоҳиза». 18.00, 22.00 «Новости». Барномаи иттилоотӣ. 18.20 Масири варзиш. 18.55 «Ояҳои заминӣ». 19.10 «Меҳрпайванд». 20.00, 00.00 «Навид». Барномаи иттилоотӣ. 20.30 «Лаззат». 21.30 Шамими роз. 22.20 Ф/ҳ. «Самолет президента».

**ЯКШАНБЕ, 28 ФЕВРАЛ**

06.00 Парниён. 06.15, 08.40 «Сабоҳ». Барномаи фарҳангӣ - фароғатӣ. 06.50 Барномаи мусиқӣ. 08.00 «Шакл». 09.30 Ф/ҳ. «Снежная пятерка». 11.00 «Ҷазираи ҷавоҳирот». 11.25 Футбол. Чемпионат Англии. 13.00 Ф/ҳ. «Ҷаноби 420». (Ҳиндустон). 16.00 «Сафинаи сайҳун». 16.30 «Ҷило». 17.00 «Олами мурчаҳо». Олами ҳайвонот. 18.00 «Муошират». 18.40 Шӯхиҳои Аловуддин. 19.00 «Мумтоз». 20.00 «Навид». Ҷамъбасти ҳафта. 20.40 «Як тарона». 21.10 Шамими роз. 21.50 Ф/ҳ.«Мишень». 23.30 Бой без правил.

## ÎÐÒ

**ПОНЕДЕЛЬНИК, 22 ФЕВРАЛЯ**

6.10 Спортивные танцы. 8.40 Дисней клуб. 10.00, 12.00 Новости. 10.10 Х/ф "МАКСИМ ПЕРЕПЕЛИЦА". 12.10 Дневник 12.30 Х/ф "ВПЕРВЫЕ ЗАМУЖЕМ". 14.30 "Встречайте - Челентано!". 15.30 "Заговор маршала". 18.30 "Достояние Республики". 21.00 "Время". 21.15 "Достояние Республики" Продолжение. 21.40 XXI зимние Олимпийские игры в Канаде 1.00 Х/ф "ГОРДОСТЬ И ПРЕДУБЕЖДЕНИЕ". 3.15 "Детективы".

**ВТОРНИК, 23 ФЕВРАЛЯ**

3.45, 19.10 Спортивные танцы. 8.30 Х/ф "МЕРСЕДЕС" УХОДИТ ОТ ПОГОНИ". 10.00, 12.00 Новости. 10.10 Праздничный концерт. 11.10, 12.10 Т/с "Десантура". 21.00 "Время". 21.15 Т/с "Снайпер. Оружие возмездия". 22.10 Х/ф "ОФИЦЕРЫ". 0.00 Хоккей.

**СРЕДА, 24 ФЕВРАЛЯ**

6.00 "Доброе утро". 8.00, 23.00 Хоккей. 10.30 "Модный приговор". 11.20 "Контрольная закупка". 12.00, 15.00, 18.00 Новости. 12.20 "Участок". 13.20 "Детективы". 14.00 Другие новости. 14.20 "Понять. Простить". 15.20 Т/с "Обручальное кольцо". 16.20 "Спальный район". 16.50 "Федеральный судья". 18.20 "Давай поженимся!". 19.10 Т/с "След". 20.00 "Жди меня". 21.00 "Время". 21.30 Т/с "Снайпер. Оружие возмездия". 22.20 "Прожекторперисхилтон".

**ЧЕТВЕРГ, 25 ФЕВРАЛЯ**

6.00 "Доброе утро". 8.00 Хоккей. 10.30 "Модный приговор". 11.20 "Контрольная закупка". 12.00, 15.00, 18.00, 3.00 Новости 12.20 "Участок". 13.20, 3.25 "Детективы". 14.00 Другие новости. 14.20 "Понять. Простить". 15.20 Т/с "Обручальное кольцо". 16.20 "Спальный район". 16.50 "Федеральный судья". 18.20 "Давай поженимся!". 19.10 Т/с "След". 20.00 "Пусть говорят". 21.00 "Время". 21.30 Т/с "Снайпер. Оружие возмездия". 22.20 "Человек и закон". 23.20 "Интересное кино". 0.00 XXI зимние Олимпийские игры в Канаде. 1.00, 3.05 Х/ф "МОРПЕХИ".

**ПЯТНИЦА, 26 ФЕВРАЛЯ**

4.00 Фигурное катание. 8.00 "Доброе утро". 9.00, 12.00, 15.00, 18.00 Новости. 9.20 "Малахов + ". 10.20 "Модный приговор". 11.20 "Контрольная закупка". 12.20 "Участок". 13.20, 4.25 "Детективы". 14.00 Другие новости. 14.20 "Понять. Простить". 15.20 Т/с "Обручальное кольцо". 16.20 "Спальный район". 16.50 "Федеральный судья". 18.20 "Давай поженимся!". 19.10 Т/с "След". 20.00 "Пусть говорят". 21.00 "Время". 21.30 Т/с "Снайпер. Оружие возмездия". 22.20 Биатлон. 0.00 Х/ф "ЗАЛЕЧЬ НА ДНО В БРЮГГЕ". 2.00 Конькобежный спорт. 3.30 Т/с "Акула".

**СУББОТА, 27 ФЕВРАЛЯ**

5.00, 9.00, 12.00, 15.00, 18.00 Новости. 5.05 "Доброе утро". 9.20 "Малахов + ". 10.20 "Модный приговор". 11.20 "Контрольная закупка". 12.20 "Участок". 13.20 "Детективы". 14.00 Другие новости. 14.20 "Понять. Простить". 15.20 Т/с "Обручальное кольцо". 16.20 "Спальный район". 16.50 "Федеральный судья". 18.20 "Криминальные хроники". 18.50 "Поле чудес". 20.00 "Пусть говорят". 21.00 "Время". 21.30 "Прожекторперисхилтон". 22.00 "Большая разница". 23.50 Бобслей.

**ВОСКРЕСЕНЬЕ, 28 ФЕВРАЛЯ**

6.00, 10.00, 12.00 Новости. 6.10 Мультфильм. 6.40 Х/ф "ДЕЛОВЫЕ ЛЮДИ". 8.00 "Служу Отчизне!". 8.30 "Играй, гармонь любимая!". 9.10 "Здоровье". 10.10 "Непутевые заметки". 10.30 "Пока все дома". 11.20 "Фазенда". 12.10 "Две славы солдата и актера". 13.00 Х/ф "ЭКИПАЖ". 15.40 "Анастасия Вертинская. Бегущая по волнам". 16.40 "Две звезды". 18.30 Фигурное катание. 21.00 "Время". 22.00 "Мульт личности". 22.30 Суперпремьера. "Остаться в живых" Последний сезон. 23.10 Хоккей. 2.00 Х/ф "НАПРОЛОМ". 4.05 Т/с "Акула".

# ТОЛЕЪНОМА

**ҲАМАЛ**

Муносибати худро ҳар қадар бо сарвар хуб намоед, ба мавқеи ояндаатон таъсири мусбияш мерасад. Муҳимаш, барои чизҳои беҳуда вақти ба тилло баробаратонро сарф насозед. Барои тамоми ҳафта бо иродаи қавӣ ба ҷо овардани ҳамаи корҳои худ саъй намоед. Албатта нисбати саломатии хеш таваҷҷӯҳи ҷиддӣ созед. Аз аъзои хонавода суханҳои некатонро ҳеҷ гоҳ дареғ надоред.

**САВР**

Боварии қавӣ ва меҳри самимии шумо нисбати наздиконатон кинаҳоро мезудоянд. Дар давоми ҳафта бештар аз ёрии дӯстон баҳраманд мешавед. Ҳамаи муаммоҳо худ аз худ ба осонӣ рафъ мешаванд. Интиҳои ҳафта эҳсосатон тақвияти бештар ёфта, худро хушбахт эҳсос менамоед. Лекин ношукрӣ накарда, волидайни хешро азизу мӯътабир доред.

**ҶАВЗО**

Барои амалӣ намудани лоиҳаҳои беҳтарин ва манфиатбахш, ки дер боз мунтазиред, фурсати хеле мувофиқ фаро мерасад. Вале барои ҳамаашро баробар ба ҷо овардан шитобкорӣ нанамоед. Дар навбати аввал лоиҳаҳои дар назаратон муҳимтаринро интихоб созед. Лекин ба пуррагӣ машғули кор шуда, ҳеҷ гоҳ амалӣ сохтани вазифаҳои марбут ба ободии хонаводаро фаромӯш нанамоед. Табобатро нотамом намонед.

**САРАТОН**

Корҳое, ки реҷабандӣ шудаанд, дар давоми ҳафта самараи дилхоҳ мебахшанд. Барои расидан ба мақсадҳои нек таҳаммулпазирӣ муҳим мебошад. Дар давоми ҳафта қувваю ғайрат ва рӯҳи болида шуморо тарк намесозанд. Аз ҳамин сабаб дар коргоҳ ҳам таҳти таваҷҷӯҳи ҳама қарор мегиред. Лекин саросема нашавед, вагарна роҳ ёфтани хато мумкин аст.

**АСАД**

Аз дур расидани хабарҳои хуш сабаби афзудани самаранокии меҳнат, хуб шудани саломатиятон мегардад. Бо шахсе, ки дер боз дар борааш фикр менамоед, дучор меоед ва таклифи хеле аҷоибро пешниҳод месозад. Пеш аз пазируфтани таклиф бо падару модаратон маслиҳат намоед, пушаймон намешавед. Рӯзҳои истироҳатро дар давраи дӯстони хеш мегузаронед. Кӯдаконро бештар дӯст доред, онҳоро наранҷонед.

**СУНБУЛА**

Дурандешиатон барои бартараф сохтани муаммоҳо ёрӣ мерасонад. Маҳз меҳнати ҳалол сабаби болоравӣ дар мансаб мешавад. Аъзои хонаводаро аз муваффақияти худ баҳраманд намоед. Одамони ба меҳрубониятон эҳтиёҷмандро фаромӯш насозед. Маблағҳои худро дуруст сарф намоед, пушаймон намешавед. Алҳол аз харидорӣ намудани ашёҳои қиматбаҳо дурӣ ҷӯед.

**МИЗОН**

Вақт барои ашхоси машғули кори илмӣ хеле мусоид мебошад. Метавонед кори илмиатонро маротибаи дигар аз назар гузаронида, бо дили пур пешниҳод созед. Барои эҷодкорон фурсати аҷоиби интиҳо бахшидани корҳои оғозкардаашон фаро расид. Хеле бобарор шудани саъйи комили эҷодкорон мумкин аст. Сайругашт намудан ба шумо илҳом мебахшад.

**АҚРАБ**

Ташвишҳое, ки фарзандон меоранд, барои ҳамдигаратонро дуруст дарк сохтан ёрӣ мерасонанд. Шумо дар худ истеъдоди ботиниро кашф менамоед. Бо намуди дилхоҳи санъат машғул шуданро оғоз бахшед. Ҳарчанд ба вуқӯъ пайвастани баъзе ҳамдигарнофаҳмиҳо аз эҳтимол дур нест, лекин сабаби нигаронӣ нахоҳад шуд. Аз ибтидо то интиҳои ҳафта табъи хуш шуморо тарк намесозад, шукри тақдир гӯед.

**ҚАВС**

Падару модар, дӯстон, ҳамкорон, сарвар шуморо дастгирӣ менамоянд. Никоҳатон аз озмоиш мегузарад, ҳамон лаҳзаҳо хислатои нағзи шумо ва ҳамсаратон ба назар мерасанд. Аз ҳамин сабаб барои дигарон ҳам муҳим будани таваҷҷӯҳатонро фаромӯш нанамоед. Серғайратӣ ва ботадбириятон бахт ва барор меоранд. Реҷаҳои иқтисодиятонро дар давоми ҳафта амалӣ намоед, манфиати хуб меёбед.

**ҶАДӢ**

Дар ҳар як кор меъёрро риоя намоед, агарчи ба муваффақиятҳо ноил шавед ҳам, хоксориро фаромӯш насозед. Ҳаваси ҳавобаландӣ намудан ба аҳволи молиявии шумо зарари ҷиддӣ мерасонад. Нисбати муаммоҳои хонаводагӣ бепарвоӣ нанамоед. Зиракиро пайваста дар мадди аввал гузоред. Дар нимаи дуюми ҳафта тавассути телефон аз вазъи саломатии шахси наздикатон бохабар шавед, савоб аст.

**ДАЛВ**

Аз сабаби дар аввали ҳафта ба вуқӯъ омадани хурсандиҳои зиёд ба пиндори шумо гӯё рӯзҳо зуд сипарӣ мешаванд. Шумо аз вазъияти мухталиф ба осонӣ раҳоӣ меёбед. Бо корҳои ҷиддӣ машғул шуданро оғоз бахшед. Дар музояда иштирок намудан сабаби муваффақият хоҳад шуд. Шояд амволи ғайриманқулро харидорӣ намоед. Дар интиҳои ҳафта хуб истироҳат намудан барои барқароршавии нерӯ муфид мебошад.

**ҲУТ**

Зарур аст, ки гилагузориро фаромӯш намуда, аз қарзҳои хеш раҳоӣ ёбед. Ҳамон вақт рӯзҳои хурсандибахш мисли қаблӣ насибатон мешаванд. Муносибатҳои ишқиро муайян намоед. Фаъолияти кории худро ба тартиб оред. Ҳар як имтиҳони ҳаёт ҷаҳонбинии шуморо тақвият мебахшад. Лекин зарур аст, ки ҳеҷ гоҳ таҳаммулпазириро аз ёд набароред.

Ҳафтаномаи «Ёрии таъҷилӣ-03»-ро дастрас намоед ва аз маслиҳатҳои муфиди он баҳравар шавед




PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com

Тамғаи чойи сиёҳ
Меваи тропикӣ
Мусовӣ
Лагери байналхалқии Қрим
Давлат дар Африка
Тими футболи Англия
Калла-пӯши тоҷикӣ
1
Меросхӯр
Дарёи бузурги Африка
Пойтахти Олимпиадаи 22-юми зимистона
Шаҳр дар Англия
Гӯштини миллии ӯзбекӣ
Дарё дар Сибир



1

Пойафзоли миллии тоҷикӣ
Хайр кардан
2
Зинат
Узви нафас-кашӣ
Пашша
Момо (лаҳҷ.)
Аз касе ранҷидан
Дарахти сояафкан
Дашти баланд-кӯҳи Помир
Асбоби ҷӯҷабарории сунъӣ
Кӯҳ-сарҳади Аврупою Осиё



2

Фамилияи аслии Ленин
Каппаи намадини халқҳои Шимол
Забони Қуръони Карим
Нависандаи асри 20-и англис
Майдон
3
Худои Мисри Қадим
Аломати "Ъ"
Пианино
Нол
Мавзеи тамошои гулҳо
Пойтахташ Вашингтон
Занбӯр
Ҳамранг, якзайл
"Падар"-и дол-лари америкоӣ
Гули баҳорӣ
Равғани техникӣ
Жан ..., актёри фаронсавӣ
Мототсикли чехӣ
Шаҳр дар Гурҷистон
Фазо, осмон
Пай, нишон

3



Зарфи обчӯшонӣ
... Ҳамдамов, бастакори тоҷик
Давлат дар Африка
Санги Сулаймонӣ (юнонӣ)
Якҷояшавии дарёҳои Панҷу Вахш
Атамане, ки Сибирро фатҳ кард
"Ҷабри ... беҳ аз меҳри падар"
Таоми суюқи тоҷикӣ
Лулидухтар ...
"Кока- ... "
Пеш аз ид
Йелот дар ИМА
Сози дойрашакли қадима
Дарё дар Помир
Баланд, аъло
Нота
Навъи моҳӣ
Пойтахти Юнон
Бозии бачагонаи "... ва қарнӣ"
Сабза
Парда аз спектакл
Кати гилин
Шартномаи арӯсу домод

ДУНЁ
Замимаи ҳафтаномаи «Муҳаббат ва Оила»

Сармуҳаррир Асҳобиддин СУННАТӢ

*Ба хотири риояи гуногунандешӣ дар ҳафтанома маводе низ нашр мешавад, ки хилофи назари ҳайъати эҷодист. Масъулияти мазмуну мӯҳтавои ҳамаи маводҳо ба дӯши муаллифон аст. Манбаъҳои истифодашаванда: «Власть», «Версия», «Аиф», «Мир новостей», «Завтра», «Совершенно секретно», «Труд -7», «Итоги».*

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти рақами 0101/рз сабти ном шудааст.*

*Ҳафтанома дар чопхонаи МХҲҲФ «Мушфиқӣ» ба табъ мерасад.*
*Қароргоҳ дар шаҳри Душанбе: х. С. Шерозӣ-16.*
*Телефон: 238-71-01*
*E-mail:* dunyo78@mail.ru

PDF created with pdfFactory trial version www.pdffactory.com